**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ**

# БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ТИБҚИ НИЗОМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНДОНӢ

**Душанбе – 2024**

Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
№15/41, аз “30” октябри соли 2024 тасдиқ карда шудааст.

Барномаҳои таълими мазкур бо дарназардошти талаботи байналмилалӣ ба сатҳи забондонӣ таҳия карда шудааст, ки тибқи талаботи он сатҳи забондонӣ дар 6 дараҷа муайян шудааст: **A1** ва **A2** (сатҳи ибтидоӣ), **B1** ва **B2** (сатҳи миёна), **C1** ва **C2** (сатҳи олӣ). Вобаста ба ин сатҳҳо барномаҳои таълимӣ барои сатҳи A1 дар ҳаҷми 72 соат ё се моҳ, барои сатҳи A2 дар ҳаҷми 144 соат ё 6 моҳ, барои сатҳи B1 дар ҳаҷми 216 соат ё 9 моҳ ва барои сатҳи B2 дар ҳаҷми 432 соат ё 18 моҳро дар бар мегиранд.

Барномаи таълимӣ барои таълимгирандагони курсҳои забономӯзии мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, муассисаву ташкилотҳои давлатӣ, марказҳои омӯзишӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва кулли хоҳишмандон пешбинӣ гардидааст.

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ А1 (BEGINNER/ELEMENTARY)

**(72 соат, 3 моҳ)**

**Душанбе – 2024**

**МУҚАДДИМА БА БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ А1 (BEGINNER/ELEMENTARY) (72 СОАТ, 3 МОҲ).**

Барномаи таълимии мазкур дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 «Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ» таҳия шудааст. Тибқи фармони мазкур, кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ вазифадоранд, ки аз 1 апрели соли 2024 забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисиро омӯзанд. Мақсади фармони мазкур тақвияти малакаи касбӣ, ҷаҳонбинии сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи дониши забонҳои хориҷӣ миёни кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ мебошад. Курси мазкур ҷиҳати татбиқи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар дар самти омӯзиши забонҳои хориҷӣ равона гардида, дониши ибтидоиро оид ба забони англисӣ барои сатҳи А1 (Beginner/Elementary) пешниҳод менамояд, ки ба кормандон имкон медиҳад, онро дар фаъолияти рӯзмарра ва касбии худ боэътимод истифода баранд.

Курси мазкур барои таълимгирандагоне, ки омӯзиши забони англисиро шурӯъ мекунанд пешбинӣ гардида, 72 соати таълимиро дар бар мегирад, ки ба 3 моҳ мувофиқ аст. Барнома барои онҳое тарҳрезӣ шудааст, ки қаблан забони англисиро наомӯхтаанд ё дониши кам доранд. Мақсади асосии курс — ташаккули малакаҳои асосии забонӣ мебошад, ки барои муоширати муваффақ дар ҳолатҳои рӯзмарра, инчунин барои дарки сохтори асосии забони англисӣ заруранд.

Курс ҷанбаҳои калидии забон, аз қабили шунидан, гуфтан, хондан ва навиштанро дар бар мегирад ва ба рушди малакаҳои коммуникативии таълимгирандагон равона шудааст. Ба омӯзиши фонетика, луғат ва грамматикаи забони англисӣ дар сатҳи А1 (Beginner/Elementary), инчунин омӯзиши қолабҳои оддии суханварӣ барои муошират дар ҳолатҳои рӯзмарра ва иҷтимоӣ диққати махсус дода мешавад.

**Мақсадҳо ва вазифаҳои курс**

**Мақсадҳои курс:**

1. Ташаккул додани малакаҳои асосии забонӣ барои муошурати рӯзмарра бо забони англисӣ;
2. Рушд додани малакаҳои фаҳмиш ва дарки нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дар сатҳи А1;
3. Омодасозии таълимгирандагон барои истифодаи муваффақи забони англисӣ дар ҳолатҳои шахсӣ ва касбӣ;
4. Таъмини иҷрои талаботи давлатӣ оид ба омӯзиши ҳатмии забони англисӣ дар доираи барномаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо.

**Вазифаҳои курс:**

1. Омӯзонидани асосҳои алифбо ва фонетикаи забони англисӣ ва рушди малакаҳои талаффузи дуруст;
2. Таъмини азхудкунии луғати асосӣ ва грамматика барои ҳолатҳои рӯзмарраи муошират (салом, шиносоӣ, харид, нақлиёт ва ғ.);
3. Рушд додани малакаҳои дарк ва истифодаи сохторҳои оддии суханварӣ барои ҳалли масъалаҳои рӯзмарра ва касбӣ;
4. Омӯзонидани хондани матнҳои содда, пур кардани варақаҳо, навиштани паёмҳои кӯтоҳ ва ибрози саволҳо;
5. Қавӣ гардондани қобилияти муколама, омода кардани таълимгирандагон ба суҳбатҳои оддӣ дар мавзуъҳои рӯзмарра ва касбӣ.
6. Эҷоди шароит барои истифодаи амалии донишҳои гирифташуда тавассути бозиҳои нақшофарӣ, муколамаҳо ва шунавоӣ.

**Сохтори курс**

Барномаи таълимӣ аз 24 мавзуъ иборат аст, ки ҳар кадом паҳлуҳои гуногуни ҳаёти рӯзмарра ва муоширатро фаро мегирад. Мавзуъҳо иборатанд аз:

- Шиносоӣ бо алифбо ва фонетикаи забони англисӣ;

• Маълумоти шахсӣ, шиносоӣ, оила ва дӯстон;
• Харид, ғизо, нақлиёт, саломатӣ ва муроҷиат ба табиб;
• Тавсифи шаҳр, ҷойҳои тамошобоб ва масирҳои сайёҳӣ;
• Обу ҳаво, фаслҳои сол, банақшагирии вақт ва баррасии нақшаҳо;
• Сафарҳо, истироҳат, касбҳо, кор ва экология;

Курс ҳамчунин асосҳои фарҳанг ва анъанаҳои кишварҳои англисзабонро дар бар мегирад, ки ба таълимгирандагон имкон медиҳад на танҳо забонро омӯзанд, балки дониши онҳо аз заминаи фарҳангии он низ бой гардад.

**Методикаи таълим**

Методикаи таълим бар усули коммуникативӣ асос ёфтааст, ки ба истифодаи фаъолонаи забон дар ҳолатҳои воқеӣ равона шудааст. Диққати асосӣ ба рушди малакаҳои гуфтор, шунавоӣ, хондан ва навиштан дода мешавад. Дарсҳо бо машқҳои амалӣ мувозинат дода мешаванд, ки ба таълимгирандагон имкон медиҳанд, донишҳои бадастомадаро фаъолона мустаҳкам намоянд.

1. **Усули коммуникативӣ**: омӯзиш тавассути муколамаҳо, бозиҳои нақшофарӣ ва ҳолатҳои воқеии муошират сурат мегирад, ки ба зудӣ азхуд кардани сохторҳои калидии забонӣ ва татбиқи онҳо дар амал мусоидат мекунад.

2. **Коркарди фонетикӣ**: дар оғози курс ба талаффузи дуруст ва интонасия диққати махсус дода мешавад.

3. **Мураккабшавии тадриҷӣ**: барнома ба таври пайдарпай сохта шудааст, то ки таълимгирандагон аз мавзуъҳои содда ба мавзуъҳои мураккабтар гузаранд.

4. **Табодули намудҳои фаъолият**: амалия шунавоӣ, хондан, муколама, бозиҳои нақшофарӣ, машқҳои хаттӣ ва машқҳои интерактивиро дар бар мегирад.

5. **Истифодаи маводҳои аудио-визуалӣ**: курс маводҳои аудио ва видеоиро дар бар мегирад, ки ба беҳтар кардани малакаҳои шунавоӣ ва дарки нутқи зинда мусоидат мекунанд.

6. **Такрори мунтазам ва мустаҳкамкунӣ**: Дар ҳар як машғулият такрори маводи гузашта пешбинӣ шудааст.

**Натиҷаҳои интизоршаванда**

Пас аз анҷоми курс, таълимгирандагон метавонанд:

• Ибораҳо ва ҷумлаҳои асосиро барои муошırати рӯзмарра истифода баранд;
• Саволҳои оддӣ ва ҷавобҳоро дар мавзуъҳои шахсӣ, корӣ, харид, нақлиёт, саломатӣ ва сафарҳо фаҳманд ва баён кунанд;
• Варақаҳоро пур кунанд, ёддоштҳо ва паёмҳои кӯтоҳ нависанд;
• Дар бораи ҳолатҳои рӯзмарра ва касбӣ дар сатҳи A1 сӯҳбат кунанд;
• Малакаҳои заруриро барои омӯзиши минбаъдаи забони англисӣ дар сатҳи A2 аз худ намоянд.

Ҳамин тавр, курси мазкур дар баробари роҳандозии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои тақвияти омодагии забонии кормандони сохторҳои давлатӣ низ мусоидат мекунад, ки ба рушди касбӣ ва шахсии онҳо кӯмак мерасонад.

## МАЗМУНИ ТАЪЛИМ БАРОИ САТҲИ A1 (BEGINNER/ELEMENTARY)

Курси сатҳи A1 (Beginner/Elementary) ҷанбаҳои асосии забони англисиро дар бар мегирад, ки барои ташаккули малакаҳои калидии коммуникативӣ заруранд. Барнома ба блокҳои мавзуӣ тақсим шудааст, ки ба ҳолатҳои рӯзмарра ва касбӣ мувофиқанд ва мавод бо мураккабшавии тадриҷӣ пешниҳод мегардад.

**1. Алифбо ва фонетика**

• Шиносоӣ бо алифбои забони англисӣ;
• Қоидаҳои асосии талаффузи овозҳо;
• Рушди малакаҳои дурусти хондан ва талаффузи калимаҳои содда;

- Машқҳо оид ба интонатсия ва таваҷҷуҳ ба садонокҳо;

**2. Луғат ва грамматикаи асосӣ**

**Луғат:**

- Салом ва хайрухуш (Hello, Goodbye);
- Маълумоти шахсӣ (ном, синну сол, маҳалли зист);
- Оила ва дӯстон (робитаҳои хешутаборӣ);
- Ғизо ва нӯшокиҳо (маҳсулоти асосӣ, таомҳо, фармоиш дар тарабхона);
- Харид (номҳои ашёҳо, либосҳо, мағозаҳо);
- Нақлиёт ва самтҳо (нақлиёти ҷамъиятӣ, чӣ тавр ба макон расидан);
- Мавзуъҳои асосии тандурустӣ (муроҷиат ба табиб, истилоҳҳои оддии тиббӣ).

**Грамматика:**

- Артиклҳо (a/an, the);
- Замони ҳозираи оддӣ (Present Simple) барои тасвири одатҳо ва амалҳои доимӣ;
- Ҷонишинҳои шахсӣ (I, you, he, she ва ғ.);
- Феълҳои асосии to be, to have;
- Ҷумлаҳои саволӣ ва манфӣ;
- Ҷонишинҳои ишоратӣ (this, that, these, those);
- Рақамҳо (аз як то даҳ, даҳсолаҳо, санаҳо).

**3. Малакаҳои асосии коммуникативӣ**

Гуфтор ва шунавоӣ:

- Муколамаҳои содда дар мавзуъҳои рӯзмарра (шиносоӣ, харид, муошират дар нақлиёт);
- Малакаи дарки дастурҳои содда ва матнҳои кӯтоҳ тавассути шунидан;
- Қобилияти посух гуфтан ба саволҳои оддӣ (What is your name? Where are you from?).

Хондан:

- Хондани матнҳои кӯтоҳ ва мутобиқшуда, лавҳаҳо, эълонҳо, варақаҳо;
- Фаҳмидани идеяи асосии матни содда.

Навиштан:

- Пур кардани варақаҳо (ном, суроға, маълумоти тамос);
- Навиштани ёддоштҳо, паёмҳои кӯтоҳ (масалан, дар бораи нақшаҳои рӯз ё дархостҳо);

**4. Мавзуъҳо барои омӯзиш:**

**1. Шиносоӣ бо алифбо ва талаффуз:**

- Алифбои англисӣ, овозҳо ва қоидаҳои хондан;
- Намунаҳои калимаҳо ва ифодаҳои содда.

**2. Маълумоти шахсӣ:**

- Шиносоӣ: ном, синну сол, миллат;
- Саволҳо ва ҷавобҳо дар бораи оила, дӯстон, маҳалли зист.

**3. Рақамҳо ва санаҳо:**

- Хондан ва талаффузи рақамҳо (санаҳо, рақамҳои телефон, вакт);
- Формати навишти санаҳо, рӯзҳои ҳафта, моҳҳо.

**4. Хона ва оила:**

- Номҳои утоқҳо, мебел ва ашёҳои рӯзгор;
- Тавсифи оила: хешутаборон ва муносибатҳои хешутаборӣ.

**5. Харид ва ғизо:**

- Луғат барои мағозаҳо ва бозорҳо;
- Чӣ тавр нархро пурсидан ва дар қаҳвахона ё тарабхона фармоиш додан;
- Тавсифи маҳсулоти ғизоӣ ва нӯшокиҳо.

**6. Обу ҳаво ва фаслҳо:**

- Тавсифи обу ҳаво (офтобӣ, боронӣ, сард, гарм);
- Фаслҳо ва чӣ гуна тавсиф кардани тағйироти мавсимӣ.

**7. Сафарҳо ва нақлиёт:**

- Чӣ тавр роҳро пурсидан;
- Луғати нақлиёт (поезд, автобус, таксӣ, фурудгоҳ);
- Чӣ тавр самти ҳаракатро фаҳмидан ва тавзеҳ додан.

**8. Касбҳо ва кор:**

- Номҳои касбҳои асосӣ;
- Тавсифи рӯзи корӣ, ҷойи кор ва вазифаҳо.

**5. Заминаи фарҳангӣ:**

- Шиносоӣ бо фарҳанги кишварҳои англисзабон;
- Идҳои асосӣ (Christmas, New Year, Halloween);
- Одоби муошират ва меъёрҳои фарҳангӣ дар ҳолатҳои гуногун (салом, ташаккур, бахшиш).

**6. Қолабҳои гуфторӣ:**

- Истифодаи саломҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ;
- Ифодаҳои содда барои баён кардани ниятҳо ва нақшаҳо (I want to…, I'm going to…);
- Қолабҳои тавсифӣ барои ҳолатҳои рӯзмарра (I live in…, My family is…).

Натиҷаҳои интизоршаванда пас аз анҷоми курс:

- Қобилияти иштирок дар муколамаҳои содда оид ба мавзуъҳои рӯзмарра:
- Фаҳмидани луғати асосӣ ва сохторҳои грамматика дар сатҳи A1;
- Қобилияти баён кардани фикрҳои асосӣ дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ;
- Қобилияти ориентир шудан дар ҳолатҳои оддии коммуникативӣ, ба монанди хариди молҳо, баррасии обу ҳаво ё самтҳо.

Бо ин роҳ, ин барнома заминаи омӯзиши минбаъдаи забони англисӣ ва такмили малакаҳои коммуникативии лозимаро барои ҳаёти рӯзмарра ва фаъолияти касбӣ мегузорад.

## МАЛАКАҲО ВА МАЗМУНИ ТАЪЛИМ БАРОИ САТҲИ САТҲИ A1 (BEGINNER/ELEMENTARY)

| *Малакаҳо* | *Мазмун* |
|---|---|
| ***Шунавоӣ*** | - Фаҳмидани иборaҳо ва ифодаҳои рӯзмарра: таълимгирандагон бояд салому хайрухуш, шиносоӣ ва ҳамин гуна амалҳоро аз дигарон фаҳманд (масалан, "Hello, my name is...", "Nice to meet you"). Онҳо бояд саволу ҷавобҳои шахсиро дарк кунанд;<br>- Дастурҳо ва супоришҳои содда: таълимгирандагон супоришҳои кӯтоҳро, ки ба вазъиятҳои рӯзмарра марбутанд, дарк мекунанд, масалан, чӣ тавр ба ҷое рафтан, чизе харидан ё ғизо фармоиш додан;<br>- Шунидани муколамаҳои кӯтоҳ ва аудио: истифодаи маводҳои аудиоӣ, монанди муколама дар мағоза ё истгоҳ;<br>- Фаҳмидани маълумоти калидӣ дар муколамаҳо: таълимгирандагон маълумоти асосиро аз контексти муколама дарк мекунанд, масалан, маълумот дар бораи вақт, сана, макон ва ҳаво. |
| ***Гуфтор*** | - Истифодаи иборaҳо ва ҷумлаҳои асосӣ: таълимгирандагон метавонанд бо истифода аз ҷумлаҳои оддӣ дар бораи худ ва дигарон сухан гӯянд, масалан, дар бораи оила, дӯстон, кор ё шуғл;<br>- Дастгирии муколамаҳои кӯтоҳ: масалан, харид, фармоиш дар кафе ё суҳбат дар бораи ҳаво;<br>- Тавсифи амалҳои маъмул: тавсифи рӯз, шуғлҳо ва нақшаҳои оянда; |

| | |
|---|---|
| | - Истифодаи ибораҳои одобӣ: масалан, "please", "thank you", "sorry". |
| ***Хондан*** | - Фаҳмидани матнҳои оддӣ: таълимгирандагон бо матнҳои кӯтоҳ, монанди почтаҳои электронӣ, эълонҳо ва варақаҳои содда кор мекунанд;<br>- Хондан ва дарки нишонаҳо: таълимгирандагон нишонаҳо ва эълонҳои рӯзмарраро мефаҳманд (масалан, "Exit", "No smoking");<br>- Хондани маводи мактабӣ: матнҳои таълимӣ ва супоришҳоро дарк мекунанд;<br>- Пайдо кардани маълумоти калидӣ дар матн. |
| ***Навиштан*** | - Навиштани матнҳои кӯтоҳ дар бораи худ: масалан, ном, синну сол, касб, шуғл ва фаъолиятҳои рӯзмарра;<br>- Пур кардани варақаҳо: масалан, пур кардани ном, суроға, рақами телефон;<br>- Навиштани паёмҳо ва ёддоштҳо: масалан, паёми кӯтоҳ ба дӯстон;<br>- Таҳияи номаҳо ва паёмҳои электронӣ: масалан, номаҳо дар бораи вохӯрӣ, дархостҳо ё изҳори сипос. |

## НАҚШАИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ А1 (BEGINNER/ELEMENTARY) (72 СОАТ, 3 МОҲ)

| № | Мавзуъҳо | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ | Дарсҳои амалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шиносоӣ бо курс. Алифбо ва фонетикаи забони англисӣ. Забони англисӣ дар ҷаҳони муосир | -Алифбо ва талаффузи ҳарфҳо;<br>-Қоидаҳои талаффузи овозҳо (sounds), интонация ва оҳанг (intonation). | 1 | 2 | 3 |
| 2 | Салом ва шиносоӣ. Муаррифии худ | - Ҷумлаҳои оддӣ бо "to be" (I am, You are);<br>- Ҷонишинҳои шахсӣ (Personal pronouns). | 1 | 3 | 4 |
| 3 | Маълумоти шахсӣ (ном, синну сол, маҳалли зист) | - Сохтори Present Simple барои маълумоти шахсӣ;<br>- Сохтани саволҳо бо "What", "Where", "How old". | 1 | 3 | 4 |
| 4 | Оила ва хешовандон | - Ҷумлаҳои оддӣ бо "have got/has got";<br>- Ҷонишинҳои моликиятӣ (My, Your, His, Her). | 1 | 3 | 4 |

| № | Мавзуъҳо | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ | Дарсҳои амалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Хонаи ман: тавсифи хона ва ашёҳои рӯзгор | - Артиклҳо (a/an, the);<br>- Ҷумлаҳои бо "there is/there are". | 1 | 3 | 4 |
| 6 | Харид ва бозор. Номҳои маҳсулот ва молҳо | - Истифодаи миқдори ғайритафсилӣ (some/any);<br>- Ҷумлаҳои саволӣ дар харид ("How much is this?", "Do you have...?"). | - | 2 | 2 |
| 7 | Хӯрок ва нӯшокиҳо. Ошхӯри миллӣ дар кишварҳои англисзабон | - Замони Present Simple барои тавсифи одатҳо ва афзалиятҳо ("I like", "I don't like") | - | 2 | 2 |
| 8 | Рӯзҳои ҳафта ва моҳҳо. Нақшаҳо барои ҳафта | - Замони Present Continuous барои нақшаҳо ва амалҳои ҷорӣ ("I am going to..."). | 1 | 3 | 4 |
| 9 | Обу ҳаво ва фаслҳо. Иқлим дар кишварҳои англисзабон | - Ҷумлаҳои тавсифӣ барои обу ҳаво ("It is cold", "It is raining"). | - | 2 | 2 |
| 10 | Нақлиёт. Ҷойивазкунӣ дар шаҳр ва кишвар | - Саволҳои роҳнамоӣ ("How do I get to...?", "Where is the nearest..."). | - | 2 | 2 |
| 11 | Мурочиат ба табиб. Тавсифи саломатӣ ва ҳолати ҷисмонӣ | - Ҷумлаҳои бо "to be" ва "to have" барои тавсифи ҳолати ҷисмонӣ ("I am sick", "I have a headache") | - | 2 | 2 |
| 12 | Вақти рӯз. Ташкили рӯз | - Ифодаҳои вақт ("at 7 a.m.", "in the morning");<br>- Present Simple барои тасвири реҷаи рӯзмарра. | 1 | 2 | 3 |
| 13 | Либос ва хариди либос | - Ҷумлаҳои бо "this/that", "these/those" барои харид ва тавсифи либос. | - | 3 | 3 |

| № | Мавзуъҳо | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ | Дарсҳои амалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 14 | Шаҳр ва ҷойҳои тамошобоби он | -Ҷумлаҳои тавсифӣ ("There is a museum", "The park is beautiful"). | - | 3 | 3 |
| 15 | Идҳои миллӣ дар кишварҳои англисзабон | - Истифодаи замони гузашта (Past Simple) барои тасвири таҷрибаҳо ("Last year I celebrated..."). | 1 | 2 | 3 |
| 16 | Тавсифи намуди зоҳирӣ ва хусусиятҳои инсон | -Ҷумлаҳои тавсифӣ бо сифатиҳо (adjectives) ("He is tall", "She has blue eyes"). | 1 | 3 | 4 |
| 17 | Хобби ва шавқу ҳавас | - Present Simple барои тасвири шуғлҳо ва вақтхушӣ ("I like playing football", "She enjoys reading"). | - | 2 | 2 |
| 18 | Таълим. Низоми мактабӣ дар кишварҳои англисзабон | - Ҷумлаҳои бо "can/can't" барои тасвири малакаҳо ("I can speak English", "I can't play the piano"). | 1 | 3 | 4 |
| 19 | Дар ҷои кор. Касбҳо ва вазифаҳои корӣ | - Ҷумлаҳои бо "to be" ва Present Simple барои тавсифи корҳо ва касбҳо ("I am a teacher", "She works in an office"). | 1 | 3 | 4 |
| 20 | Варзиш ва истироҳат. Намудҳои варзиш дар кишварҳои англисзабон | - Истифодаи "like/love/enjoy" барои тавсифи шавқу ҳавас ("I love swimming", "They enjoy watching football"). | - | 2 | 2 |
| 21 | Саёҳат ва истироҳат. Туризм дар кишварҳои англисзабон | - Present Continuous барои нақшаҳои оянда ("I am going to travel", "We are visiting London next month"). | - | 3 | 3 |
| 22 | Тиб. Чӣ тавр ёрии таъҷилӣ даъват кардан | - Саволҳои изтирорӣ ва ёрии таъҷилӣ ("Call the doctor!", "I need help!"). | - | 2 | 2 |

| № | Мавзуъҳо | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ | Дарсҳои амалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 23 | Муаммоҳои экологӣ ва ҳифзи табиат | -Ҷумлаҳои тасвирӣ бо Present Simple барои муҳити зист ("Trees give us oxygen", "Pollution is a big problem"). | - | 2 | 2 |
| 24 | Дарси ниҳоӣ ва такрор | -Такрори грамматика ва луғатҳои омӯхташуда. | 1 | 3 | 4 |
| | **Ҳамагӣ** | | **12** | **60** | **72** |

## ТАЛАБОТ БА САТҲИ ОМОДАГИИ ТАЪЛИМГИРАНДАГОНИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ А1 (BEGINNER/ELEMENTARY)

| *Малакаҳо* | Мазмун |
|---|---|
| ***Шунавоӣ*** | Таълимгиранда метавонад нутқи содда, оҳиста ва равшанро дар мавзуъҳои ошно (маълумоти шахсӣ, оила, харид, кор, саломатӣ) фаҳмад. Ибораҳои асосиро мефаҳмад ва мазмуни умумии суҳбатҳо ва эълонҳои соддаро дарк мекунад.<br>Ба дастурҳо ва ишораҳои оддӣ ҷавоб дода метавонад:<br>- Шунидани муколамаҳои содда дар мавзуъҳои рӯзмарра (оила, кор, харид, шуғл).<br>- Фаҳмидани калимаҳои калидӣ: салом, хайрухуш, дархостҳо, саволҳо ва ҷавобҳо дар бораи маълумоти шахсӣ (ном, синну сол, миллат).<br>- Фаҳмидани эълонҳо ва дастурҳои кӯтоҳ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (масалан, "Хазина баста аст", "Автобус дар 5 дақиқа меояд"). |
| ***Гуфтор (Муколама)*** | Таълимгиранда метавонад дар муколамаҳои содда иштирок кунад, саволҳои одӣ диҳад ва ба онҳо ҷавоб диҳад (масалан, дар бораи худ ва дигарон: ном, синну сол, кор). Ифодаҳои оддиро дар вазъиятҳои ошно, масалан, ҳангоми харид ё нақлиёт, истифода бурда метавонад.<br>Қодир аст изҳори эҳтиром, сипосгузорӣ ё узрхоҳӣ кунад.<br>- Истифодаи ифодаҳои одобии содда (салом, хайрухуш, узрхоҳӣ, ташаккур);<br>- Муколамаҳои кӯтоҳ дар мавзуъҳои рӯзмарра (масалан, роҳ пурсидан, вақти дилхоҳро пурсидан, фармоиши хӯрок дар кафе);<br>- Иқтидори баён кардани фикр ё ҷавоб ба саволҳо оид ба маълумоти шахсӣ ё ҳолатҳои рӯзмарра. |
| ***Гуфтор (Монолог)*** | Таълимгиранда метавонад дар бораи худ, оила, кор ё таҳсилаш кӯтоҳ нақл кунад. Қодир аст амалҳои рӯзмарра ва афзалиятҳои худро тавсиф кунад. Метавонад ибораҳои оддиро барои баён кардани фикрҳо ва нақшаҳояш истифода барад.<br>- Тавсифи худ, оила, кор ва зиндагии рӯзмарра (масалан, "Ман дар офис кор мекунам", "Ман як бародар ва як хоҳар дорам"); |

| *Малакаҳо* | **Мазмун** |
|---|---|
| | - Баён кардани афзалиятҳо ва нақшаҳо ("Ба ман китобхонӣ маъқул аст", "Ман ба мағоза меравам"); - Истифодаи шаклҳои соддаи замонҳои гуногун барои баён кардани амалҳо (ҳозира, гузашта, оянда). |
| ***Хондан*** | Таълимгиранда матнҳои кӯтоҳ ва соддаро, аз қабили нишонаҳо, лавҳаҳо, мактубҳои оддӣ ва паёмҳои шахсиро мефаҳмад. Метавонад маълумоти асосиро аз матн дарёфт кунад ва ба дастурҳои хаттии оддӣ пайравӣ кунад. - Хондани матнҳои кӯтоҳи аутентикӣ (нишонаҳо, лавҳаҳо, ҷадвали нақлиёт); - Фаҳмидани мазмуни мактубҳои содда, монанди табрикот ё даъватномаҳо; - Пайравӣ ба дастурҳои хаттии оддӣ (масалан, чӣ тавр ба ҷое рафтан, чӣ тавр истифода бурдани асбоб). |
| ***Навиштан*** | Таълимгиранда метавонад ёддоштҳо ва паёмҳои кӯтоҳе нависад, ки ба ҳолатҳои рӯзмарра марбутанд. Қобилияти пур кардани анкетаҳо ва варақаҳо бо маълумоти шахсиро (ном, суроға, маълумоти тамос) дорад. Ҳамчунин метавонад мактуб ё паёми шахсиро нависад. - Навиштани паёмҳои шахсии кӯтоҳ (табрикот, ташаккур, узрхоҳӣ); - Пур кардани анкетаҳо ё формулаҳо бо маълумоти шахсӣ (ном, синну сол, суроға, маълумоти тамос); - Тавсифи зиндагии рӯзмарра дар шакли хаттӣ (масалан, "Номи ман Салим. Ман дар Душанбе зиндагӣ мекунам. Ман китобхониро дӯст медорам"). |

***Малакаҳои забонӣ***

| ***Малакаҳо*** | ***Мазмун*** |
|---|---|
| ***Фонетикӣ*** | Таълимгиранда бояд овозҳои асосии забони англисиро дуруст талаффуз кунад, ба калимаҳо ва ибораҳои содда дуруст таъкид гузорад ва интонацияи мувофиқро дар саволҳо, изҳорот ва дархостҳои одобӣ истифода бурда тавонад. |
| ***Луғатӣ*** | Таълимгиранда бояд маҷмӯи калимаҳо ва ибораҳои асосиро, ки ба ҳолатҳои рӯзмарра вобастаанд, истифода барад (оила, кор, харид, шуғл). Қобилияти дарк ва истифодаи калимаҳои ошноро дар контексти муносиб дошта бошад. |
| ***Грамматикӣ*** | Таълимгиранда бояд сохторҳои грамматикии оддиро истифода барад, масалан, феълҳоро дар замонҳои ҳозира, гузашта ва оянда дар ҷумлаҳои содда (масалан, "I live", "I ate", "I will go") истифода кунад. Метавонад саволҳо ва ҷавобҳои оддиро созад (масалан, "What is your name?", "Where do you live?"). Истифодаи пайвандҳои оддӣ ("and", "but", "because"). |

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ А2 (PRE-INTERMEDIATE)

**(144 соат, 6 моҳ)**

**Душанбе – 2024**

**МУҚАДДИМА БА БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ A2 (PRE-INTERMEDIATE)**
**(144 СОАТ, 6 МОҲ)**

Барномаи таълимии мазкур дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 «Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ» таҳия шудааст. Тибқи фармони мазкур, кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ вазифадоранд, ки аз 1 апрели соли 2024 забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисиро омӯзанд. Мақсади фармони мазкур тақвияти малакаи касбӣ, ҷаҳонбинии сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи дониши забонҳои хориҷӣ миёни кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ мебошад. Курси мазкур ҷиҳати татбиқи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар дар самти омӯзиши забонҳои хориҷӣ равона гардида, дониши забонии заруриро дар сатҳи A2 (Pre-Intermediate) фароҳам меорад, ки ба кормандон имкон медиҳад, онро дар фаъолияти рӯзмарра ва касбии худ бо эътимод истифода баранд.

Курси мазкур барои таълимгирандагоне пешбинӣ шудааст, ки сатҳи ибтидоии забони англисиро омӯхтаанд ва мехоҳанд малакаҳои худро ба сатҳи A2 (Pre-Intermediate) такмил диҳанд. Барномаи мазкур 144 соати таълимиро дар бар мегирад, ки ба 6 моҳ мувофиқ аст. Мақсади асосии курс — ташаккули малакаҳои мураккаби забонӣ мебошад, ки барои муоширати муваффақ дар ҳолатҳои иҷтимоӣ, корӣ ва рӯзмарра заруранд.

Курс ҷанбаҳои калидии забон, аз қабили шунавоӣ, гуфтор, хондан ва навиштанро дар бар мегирад ва ба рушди малакаҳои коммуникативӣ равона шудааст. Дар сатҳи A2 (Pre-Intermediate), диққати асосӣ ба такмили грамматика, васеъ намудани луғат ва беҳтар кардани малакаҳои муошират дар ҳолатҳои мураккабтар дода мешавад. Дарсҳо на танҳо ба муоширати рӯзмарра, балки ба вазъиятҳои касбӣ ва иҷтимоӣ низ равона карда шудаанд.

**Мақсадҳо ва вазифаҳои курс**

**Мақсадҳои курс:**

1. Ташаккули малакаҳои пешрафтаи забонӣ барои муоширати муассир бо забони англисӣ дар сатҳи A2 (Pre-Intermediate);
2. Рушд додани малакаҳои фаҳмиш ва дарки нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дар сатҳи A2 (Pre-Intermediate);
3. Омодасозии таълимгирандагон барои истифодаи забони англисӣ дар ҳолатҳои касбӣ ва шахсӣ;
4. Таъмини иҷрои талаботи давлатӣ оид ба омӯзиши забони англисӣ дар доираи барномаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти давлатӣ.

**Вазифаҳои курс:**

1. Омӯзонидани луғати васеъ барои истифода дар муоширатҳои рӯзмарра ва касбӣ;
2. Рушд додани малакаҳои грамматикӣ барои тавсифи ҳолатҳои гузашта, ҳозира ва оянда;
3. Омӯзонидани хондани матнҳои мураккабтар, пур кардани варақаҳои расмӣ ва навиштани мактубҳои содда;
4. Ташаккули қобилияти муколама дар мавзуъҳои касбӣ ва иҷтимоӣ;
5. Эҷоди шароит барои истифодаи амалии донишҳои гирифташуда тавассути муколамаҳо, бозиҳои нақшофарӣ ва шунавоӣ.

**Сохтори курс**

Барномаи таълимӣ аз 60 мавзуъ иборат аст, ки ҳар кадом паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва касбиро фаро мегирад. Мавзуъҳо иборатанд аз:

- Муошират дар маконҳои ҷамъиятӣ, мағозаҳо ва нақлиёт;
- Таърихи шахсӣ, кор, хобби ва машғулиятҳои рӯзмарра;
- Харид, ғизо, нақлиёт, саломатӣ ва муроҷиат ба табиб;
- Тавсифи шаҳр, ҷойҳои тамошобоб ва масирҳои сайёҳӣ;
- Таҳлили обу ҳаво, фаслҳои сол ва нақшаҳо барои истироҳат;

- Касбҳо, кор ва муҳити корӣ;
- Масъалаҳои экологӣ ва муҳофизати табиат.

Курс ҳамчунин асосҳои фарҳанг ва анъанаҳои кишварҳои англисзабонро дар бар мегирад, ки ба таълимгирандагон имкон медиҳад на танҳо забонро омӯзанд, балки бо фарҳанги истифодаи он низ ошно шаванд.

**Методикаи таълим**

Методикаи таълим бар усули коммуникативӣ асос ёфтааст, ки ба истифодаи фаъоли забон дар ҳолатҳои воқеӣ равона шудааст. Диққати асосӣ ба рушди малакаҳои гуфтор, шунавоӣ, хондан ва навиштан дода мешавад. Машғулиятҳои амалӣ ва интерактивӣ имкон медиҳанд, ки таълимгирандагон малакаҳои худро фаъолона такмил диҳанд.

1. **Усули коммуникативӣ:** омӯзиш тавассути муколамаҳо, бозиҳои нақшофарӣ ва ҳолатҳои воқеии муошират, ки ба зудӣ азхуд кардани сохторҳои калидии забонӣ мусоидат мекунанд;
2. **Коркарди фонетикӣ ва грамматикӣ:** ба таваҷҷӯҳ ба дурусти талаффуз ва грамматика диққати махсус дода мешавад;
3. **Мураккабшавии тадриҷӣ:** барнома ба таври пайдарпай сохта шудааст, то ки таълимгирандагон аз мавзуъҳои содда ба мавзуъҳои мураккабтар гузаранд;
4. **Табодули намудҳои фаъолият:** машғулиятҳо шунавоӣ, хондан, муколама, бозиҳои нақшофарӣ, машқҳои хаттӣ ва интерактивиро дар бар мегиранд;
5. **Истифодаи маводҳои аудио-визуалӣ:** курс маводҳои аудио ва видеоиро дар бар мегирад, ки ба беҳтар кардани малакаҳои шунавоӣ ва дарки нутқи зинда мусоидат мекунанд;
6. **Такрори мунтазам ва мустаҳкамкунӣ:** дар ҳар як машғулият такрори маводи гузашта пешбинӣ шудааст.

**Натиҷаҳои интизоршаванда:**

Пас аз анҷоми курс, таълимгирандагон метавонанд:

- Иборaҳои мураккабтар ва ҷумлаҳоро барои муошрати рӯзмарра ва касбӣ истифода баранд;
- Саволҳои мураккабтарро дар мавзуъҳои шахсӣ, корӣ, харид, нақлиёт ва саломатӣ фаҳманд ва баён кунанд;
- Варақаҳои расмиро пур кунанд ва мактубҳои содда нависанд;
- Дар бораи ҳолатҳои рӯзмарра ва касбӣ дар сатҳи A2 (Pre-Intermediate) муошират кунанд;
- Барои таҳсил дар сатҳи B1 (Intermediate**)** омода шаванд.

Ҳамин тавр, курси мазкур дар баробари роҳандозии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои тақвияти омодагии забонии кормандони сохторҳои давлатӣ низ мусоидат мекунад, ки ба рушди касбӣ ва шахсии онҳо кӯмак мерасонад.

## МАЗМУНИ ТАЪЛИМ БАРОИ САТҲИ A2 (PRE-INTERMEDIATE)

Курси сатҳи A2 (Pre-Intermediate) ҷанбаҳои асосии забони англисиро дар бар мегирад, ки барои ташаккули малакаҳои коммуникативӣ дар ҳолатҳои мураккабтар нисбат ба сатҳи **A1 (Beginner/Elementary)** равона шудаанд. Дар ин сатҳ, таълимгирандагон қодиранд нутқро беҳтар дарк кунанд, фикрҳои худро равшантар баён намоянд ва бо истифода аз сохторҳои грамматикии васеътар муошират кунанд.

**1. Луғат ва грамматикаи васеъшуда**

**Луғат:**

- **Муошрати иҷтимоӣ:** ифодаҳои мураккабтар барои шиносоӣ, муошрати рӯзмарра, суҳбат дар мавзуъҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ (масалан, ҳангоми вохӯрӣ бо одамон ё суҳбат дар ҷойҳои ҷамъиятӣ);

• **Ҷанбаҳои корӣ ва касбӣ:** луғат оид ба касбҳо, ҷойҳои корӣ, вазифаҳои касбӣ ва муҳити кор;

• **Муошírати нақлиётӣ:** луғат барои истифодаи нақлиёт, харид билет, роҳнамоӣ ва дарки нишонаҳои роҳ;

• **Саломатӣ ва тандурустӣ:** ифодаҳои марбут ба саломатӣ, муроҷиат ба табиб, тавсифи бемориҳо ва ҳолатҳои ҷисмонӣ;

• **Муҳити зист ва саёҳат:** луғат барои тавсифи сафарҳо, ҷойҳои тамошобоб ва масъалаҳои экологӣ.

**Грамматика:**

• **Present Simple ва Present Continuous:** истифодаи дурусти замонҳои ҳозира барои тавсифи ҳолатҳои воқеӣ ва амалҳои муваққатӣ (масалан, "I live in Dushanbe" ва "I am studying English");

• **Past Simple ва Past Continuous:** истифодаи дуруст барои баён кардани амалҳои гузашта ва тасвири ҳолатҳои дарозмуддати гузашта (масалан, "I visited my grandparents" ва "I was watching TV");

• **Future Simple ва ифодаҳои оянда:** истифодаи "will", "going to" ва "Present Continuous" барои нақшаҳо ва амалҳои оянда (масалан, "I will go to the market", "I am going to travel");

• **Истифодаи модалҳои одобӣ (can, could, should, must):** барои ифода кардани иҷозат, тавсия, зарурат ва қобилият дар ҳолатҳои гуногун;

• **Сифатҳо ва қиёсҳо (comparatives ва superlatives):** барои тавсифи одамон, ашёҳо ва маконҳо (масалан, "This book is better than that one", "He is the tallest in the class");

• **Сохтори саволҳо ва манфӣ:** саволҳои мураккабтар ва ҷумлаҳои манфӣ бо истифода аз сохторҳои гуногуни грамматикӣ (масалан, "Where have you been?", "She doesn't like coffee").

**2. Малакаҳои асосии коммуникативӣ**

**Гуфтор ва муколама:**

• **Иштирок дар муколамаҳои рӯзмарра ва касбӣ:** истифодаи ҷумлаҳои мураккабтар дар суҳбатҳо бо шарикони корӣ ё дӯстони шахсӣ, тавсифи афзалиятҳо, муҳокимаи реҷаҳо ва нақшаҳо;

• **Истифодаи ибораҳои одобӣ:** бо истифодаи ибораҳои мувофиқ дар ҳолатҳои иҷтимоӣ, монанди муроҷиатҳо, салом ва хайрухуш, дархостҳо, ташаккур ва узрхоҳӣ;

• **Баён кардани афзалиятҳо ва пешниҳодҳо:** тавсифи шавқу ҳавасҳо, нақшаҳо барои оянда, тавсия додан ва қабул ё рад кардани пешниҳодҳо.

**Шунавоӣ:**

• **Дарки нутқи содда ва мураккабтар:** дарк кардани муколамаҳои рӯзмарра ва касбӣ, шунидани эълонҳои умумӣ, дастурҳо ва тавсияҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ;

• **Истифодаи маводи аудиоӣ:** шунидани нутқ дар суръати миёна дар мавзуъҳои ошно, масалан, дар нақлиёт ё корхона;

**Хондан:**

• **Фаҳмидани матнҳои мураккабтар:** хондани матнҳои таълимӣ, мақолаҳои кӯтоҳ, эълонҳо ва варақаҳои иттилоотӣ;

• **Ҷустуҷӯ ва дарёфти маълумоти калидӣ:** ҷустуҷӯ дар матнҳо барои пайдо кардани маълумоти зарурӣ, масалан, дар ҷадвалҳои нақлиёт, эълонҳои корӣ ва дастурҳои хаттӣ.

**Навиштан:**

• **Навиштани матнҳои мураккабтар:** сохтани мактубҳо ва паёмҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, монанди даъватномаҳо, табрикот ва сипосгузорӣ, тавсифи шахсӣ ё корӣ;

• **Навиштани варақаҳо ва пур кардани анкетаҳо:** истифодаи ибораҳои дуруст ва маълумоти зарурӣ дар пур кардани варақаҳои расмӣ ё ҳангоми муроҷиат ба корхонаҳо.

**3. Мавзуъҳо барои омӯзиш**

**1. Шиносоӣ ва муошират дар ҷойҳои ҷамъиятӣ:** салом ва хайрухуш, шиносоӣ, тавсифи кор ва фаъолиятҳои рӯзмарра;

**2. Оила ва дӯстӣ:** тавсифи аъзоёни оила ва муносибатҳо;

**3. Меҳмонхонаҳо, нақлиёт ва сайёҳӣ:** хариди билет, брон кардани меҳмонхона ва роҳнамоӣ дар шаҳр;

**4. Харид ва фармоиши хӯрок:** харид дар бозор ё мағоза, фармоиши хӯрок дар ресторан ё кафе;

**5. Саломатӣ ва муроҷиат ба табиб:** тавсифи ҳолати ҷисмонӣ, саволҳо дар бораи саломатӣ ва гирифтани маслиҳат аз табиб;

**6. Обу ҳаво ва фаслҳо:** гуфтор дар бораи обу ҳаво, нақшаҳо барои истироҳат ё сафар;

**7. Шуғл ва фаъолияти корӣ:** тавсифи кор, вазифаҳо, масъулиятҳо ва муҳокимаи реҷаҳои корӣ;

**8. Маълумоти шахсӣ ва касбӣ:** пур кардани анкетаҳо, навиштани резюме ва номаи муроҷиатӣ;

**9. Муҳити зист ва масъалаҳои экологӣ:** тавсифи ҳолатҳои экологӣ ва муҳокимаи масъалаҳои муҳофизати табиат;

**10. Фарҳанг ва анъанаҳои англисзабонҳо:** тавсифи идҳо ва анъанаҳои англисзабонон, ки дар ҳаёти иҷтимоии онҳо муҳиманд.

Дар сатҳи A2 (Pre-Intermediate), курс на танҳо омӯзиши луғат ва грамматикаи асосиро фаро мегирад, балки ба такмили малакаҳои коммуникативӣ дар ҳолатҳои касбӣ ва иҷтимоӣ равона карда шудааст. Таълимгирандагон пас аз хатми курс қодир хоҳанд буд, ки бо забони англисӣ дар вазъиятҳои мураккабтар озодона муошират кунанд ва донишҳои худро барои рушди минбаъдаи худ истифода баранд.

## МАЛАКАҲО ВА МАЗМУНИ ТАЪЛИМ БАРОИ САТҲИ САТҲИ A2 (PRE-INTERMEDIATE)

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| **Гуфтор (Муколама)** | Таълимгирандагон дар сатҳи A2 (Pre-Intermediate) метавонанд дар муколамаҳои рӯзмарра ва касбӣ фаъолона иштирок кунанд. Онҳо қодиранд бо истифода аз ибораҳои мураккабтар дар суҳбатҳо бо ҳамкорон, дӯстон ё шарикони тиҷоратӣ суханронӣ кунанд. Муҳим аст, ки таълимгирандагон тавонанд дар муколамаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ муносиб бошанд, масалан, ҳангоми вохӯрӣ бо одамон, гуфтушунид дар бонк ё ҳангоми фармоиш дар тарабхона. Таълимгирандагон бояд тавонанд аз ибораҳои одобӣ, аз ҷумла "please", "thank you", "sorry", "excuse me" ва ғайра, дар ҳолатҳои иҷтимоӣ истифода кунанд. Инчунин, онҳо метавонанд пешниҳодҳо кунанд, аз пешниҳодҳо қабул ё рад кунанд, афзалиятҳои шахсӣ ва реҷаҳои ояндаро баён кунанд (масалан, "I prefer to work in the morning", "I am planning to visit my family next weekend"). Ҳамчунин, онҳо метавонанд дар муколамаҳои иҷтимоӣ ё касбӣ фикри худро равшан баён намоянд. |
| **Гуфтор (Монолог)** | Дар сатҳи A2 (Pre-Intermediate), таълимгирандагон метавонанд дар бораи ҳаёти шахсӣ ва касбии худ бо истифода аз ибораҳои мураккаб сухан гӯянд. Онҳо қодиранд дар бораи рӯзҳои гузашта, ҳозира ва ояндаи худ нақл кунанд, масалан, "Last year, I traveled to London", "Today, I am working on a project", "Next week, I will attend a conference". Таълимгирандагон метавонанд реҷаҳои корӣ ва ҳаёти шахсии худро тавсиф кунанд, аз қабили "I usually start my day with a meeting" ё "On weekends, I like to go hiking". Дар баробари ин, онҳо метавонанд андешаҳои худро дар мавриди мавзуъҳои гуногун, монанди афзалиятҳо, машғулиятҳо ва нақшаҳои шахсӣ баён кунанд. |

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| **Шунавоӣ** | Таълимгирандагони сатҳи A2 (Pre-Intermediate) қодиранд нутқи содда ва мураккабтарро дар мавзуъҳои гуногун дарк кунанд. Онҳо метавонанд муколамаҳои соддаро дар фурӯшгоҳҳо, меҳмонхонаҳо ё ҷойҳои ҷамъиятӣ фаҳманд. Дарк кардани эълонҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, масалан, истгоҳҳои нақлиёт ё марказҳои савдо, як ҷанбаи муҳим аст. Инчунин, онҳо бояд тавонанд дастурҳои шифоҳиро, ки аз тарафи дигарон дода мешаванд (масалан, "Please wait here", "The meeting starts in 10 minutes"), дарк кунанд. Дарсҳо инчунин метавонанд ба шунидани маводи аудиоӣ, монанди муколамаҳои сабтшуда, барномаҳои радио ва телевизион, эълонҳо ва мусоҳибаҳо равона шаванд. |
| **Хондан** | Дар сатҳи A2 (Pre-Intermediate), таълимгирандагон метавонанд матнҳои мураккабтарро хонда, мазмуни онро дарк кунанд. Онҳо метавонанд матнҳои кӯтоҳро, ки дар онҳо иттилооти муҳим ҷой дорад, монанди эълонҳои нақлиёт, номаҳои шахсӣ ё ҷадвалҳои корӣ, хонанд ва дарк кунанд. Ҳамчунин, онҳо бояд дар хондани мақолаҳои содда, ки мавзуъҳои рӯзмарраро фаро мегиранд, монанди рӯзномаҳои маҳаллӣ ё мақолаҳои интернетӣ, малакаи хуб дошта бошанд. Таълимгирандагон бояд қодиранд, ки дар матнҳо маълумоти калидиро пайдо кунанд, масалан, маълумот дар бораи вақт, сана ё макони чорабиниҳо. Дарсҳо инчунин метавонанд дар асоси хондани матнҳои таълимӣ ва китобҳои таълимӣ ташкил шаванд, ки ба рушди малакаҳои дарки матн мусоидат мекунанд. |
| **Навиштан** | Таълимгирандагон дар сатҳи A2 (Pre-Intermediate) метавонанд мактубҳо ва паёмҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ нависанд. Онҳо қодиранд, ки мактубҳои шахсӣ, масалан, номаи даъватӣ ё табрикотро нависанд ва дар ҳолатҳои касбӣ мактубҳои расмӣ, монанди муроҷиат ба идораҳо ё пур кардани варақаҳои расмӣ, истифода кунанд. Илова бар ин, таълимгирандагон метавонанд варақаҳо ва анкетаҳои расмиро пур кунанд, ки дар онҳо маълумоти шахсӣ ва касбӣ дархост мешавад. Навиштани тавсифҳо дар бораи фаъолияти рӯзмарра, кор ва реҷаҳои шахсӣ (масалан, "I work in a hospital. My job involves helping patients") низ бояд як қисми омӯзиши онҳо бошад. Ҳамчунин, онҳо қодиранд, ки ёддоштҳо ва паёмҳои кӯтоҳ, монанди паёмҳои электронӣ ё ёддоштҳои корӣ таҳия кунанд. |
| **Луғат** | Дар сатҳи A2 (Pre-Intermediate) таълимгирандагон бояд луғати васеътареро фаро гиранд, ки барои муошират дар ҳолатҳои рӯзмарра ва касбӣ лозим аст. Онҳо бояд луғати марбут ба муошират дар ҷои кор, монанди вазифаҳо, масъулиятҳо ва тавсифи шароити кориро фаро гиранд (масалан, "My job is to manage a team of engineers"). Илова бар ин, луғат барои истифода дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, нақлиёт, мағозаҳо ва меҳмонхонаҳо низ омӯзонида мешавад (масалан, "I would like to book a room", "Could you show me the way to the nearest bus stop?"). Луғати марбут ба саломатӣ ва тандурустӣ низ фаро гирифта мешавад, ки ба таълимгирандагон имкон медиҳад, ҳолати ҷисмонӣ ва эҳтиёҷоти саломатиро тавсиф кунанд. Луғати марбут ба муҳити зист ва саёҳат низ дар курс дохил мешавад. |
| **Грамматика** | Таълимгирандагони сатҳи A2 (Pre-Intermediate) бояд дар истифодаи замонҳои грамматикӣ, монанди **Present Simple**, **Present Continuous**, **Past Simple** ва **Future Simple**, малакаҳои устувор дошта бошанд. Онҳо қодиранд амалҳои ҷорӣ, гузашта ваояндаро бо истифодаи ин замонҳо баён кунанд (масалан, "I am studying", "I visited Paris last year", "I will go to the market tomorrow"). Истифодаи модалҳо, ба монанди **can**, **could**, **should**, |

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| | **must**, дар ҳолатҳои ичтимоӣ ва касбӣ барои ифодаи қобилият, иҷозат, тавсия ва зарурат низ як ҷузъи муҳими курс мебошад. Таълимгирандагон инчунин дар истифодаи сифатиҳо ва қиёсҳо (comparatives ва superlatives) малака пайдо мекунанд, ки ба онҳо имкон медиҳад, одамон, ашёҳо ва маконҳоро тавсиф кунанд (масалан, "This hotel is better than the other one"). Дар сатҳи A2 (Pre-Intermediate) , онҳо метавонанд саволҳои мураккабтарро созанд ва бо истифода аз сохторҳои саволии дуруст ба онҳо ҷавоб диҳанд. |

***НАҚШАИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ A2 (PRE-INTERMEDIATE) (144 СОАТ, 6 МОҲ)***

| № | Мавзуъҳо | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ | Дарсҳои амалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шиносоӣ бо курс. Такрори фонетика ва алифбо. Забони англисӣ дар ҷаҳони муосир | Қоидаҳои талаффуз, алифбо, артиклҳо (a/an/the), интонация дар ибораҳои саволӣ ва хабарӣ. | 1 | 1 | 2 |
| 2 | "Биёед шинос шавем". Диалог. Монолог | Ҷумлаҳои оддӣ бо "to be", Present Simple барои шиносоӣ (I am, you are), ҷонишинҳои шахсӣ (he, she, they). | - | 2 | 2 |
| 3 | Таълим. Низоми маориф дар Англия ва Тоҷикистон | Present Simple ва Present Continuous барои тавсифи вазъиятҳо ва амалҳои ҷорӣ (I study, I am studying). | 1 | 1 | 2 |
| 4 | Ватан. Шарҳи кишвар | Истифодаи сохтори There is/are барои тавсифи ҷойҳо ва маконҳо. | - | 2 | 2 |
| 5 | Идҳои миллӣ ва давлатӣ дар Англия ва Тоҷикистон | Истифодаи Past Simple барои тавсифи идҳои гузашта (Last year we celebrated...). | - | 2 | 2 |
| 6 | Англия ва Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир | Истифодаи Past Simple ва Present Perfect барои тавсифи муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳамкорӣ (The countries have worked together...). | - | 2 | 2 |
| 7 | Ватанпарастӣ | Истифодаи модалҳои can, must, should барои ифодаи вазифа ва зарурат (We must protect our country). | - | 2 | 2 |
| 8 | Сайёҳат дар шаҳр. Тавсифи ҷойҳои тамошобоб | Истифодаи модалҳои "can" ва "could" барои роҳнамоӣ (Can you show me the way to...? Could you help me find...?). | 1 | 2 | 3 |

| № | Мавзуъҳо | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ | Дарсҳои амалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 9 | Инсон ва табиат | Истифодаи Present Simple ва Passive Voice барои тавсифи табиат ва муҳити зист (The forests are protected by law). | - | 2 | 2 |
| 10 | Тавсифи шахсият ва хислат. Шарҳи ҷумлаҳои мураккаб | Сифатҳо ва қиёсҳо (comparatives ва superlatives) барои тавсифи шахсиятҳо (She is taller than him, He is the most intelligent student). | 1 | 2 | 3 |
| 11 | Муносибатҳои оилавӣ ва арзишҳои оилавӣ | Ҷумлаҳои мураккаб бо "who" ва "that" барои тавсифи шахсон ва ҳолатҳо (This is the person who helped me). | 1 | - | 1 |
| 12 | Касбҳо ва карйера. Нақшаи касб ва вазифаҳои корӣ | Истифодаи Future Simple ва модалҳои касбӣ (will, going to, should) барои нақшаҳои оянда ва тавсияҳо (I will become a doctor, You should consider this career). | - | 2 | 2 |
| 13 | Илм барои ҷомеа | Истифодаи Present Simple барои тавсифи дастовардҳои илмӣ ва муҳити илмӣ (Science helps society in many ways). | - | 2 | 2 |
| 14 | Дастовардҳои илмӣ ва техникии ҷаҳонӣ | Истифодаи Past Simple ва Present Perfect барои тавсифи ихтироот ва пешравиҳо (Scientists have discovered new treatments). | - | 2 | 2 |
| 15 | Биография. Тарҷумаи ҳол | Истифодаи Past Simple ва Time Expressions (in 1990, 10 years ago) барои баён кардани маълумоти биографӣ (He was born in 1980). | 1 | 1 | 2 |
| 16 | Ҳуқуқҳои инсон — ҳуқуқҳои ман ва ту | Истифодаи модалҳои must, have to барои тавсифи ҳуқуқҳо ва вазифаҳо (We must respect each other's rights). | - | 2 | 2 |
| 17 | Аз ҳаёти шахсиятҳои маъруф | Истифодаи Past Simple барои тавсифи дастовардҳои шахсиятҳои | 1 | 2 | 3 |

| № | Мавзуъҳо | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ | Дарсҳои амалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | маъруф (He invented the telephone). | | | |
| 18 | Фарҳанги гуфтор ва одоби рафтор дар муҳити касбӣ | Истифодаи ибораҳои одобӣ (polite expressions) дар вазъиятҳои касбӣ (Could you please send me the report?). | - | 2 | 2 |
| 19 | Матн ҳамчун воҳиди муошират | Ҷумлаҳои пайвастагии мураккаб бо "and", "but", "because" барои баён кардани фикрҳо ва шарҳҳо (I like this book because it is interesting). | 1 | 1 | 2 |
| 20 | Навъҳои маънории нутқ: Тавсиф, нақл ва муҳокима | Истифодаи linking words (however, therefore) барои навъҳои гуногуни нутқ (He didn’t come, therefore we cancelled the meeting). | - | 2 | 2 |
| 21 | Шарҳи шароити зиндагӣ. Тавсифи хона ва техникаи рӯзгор | Истифодаи there is/there are, prepositions of place барои тавсифи хона ва ҷиҳозҳо (There is a sofa in the living room). | - | 2 | 2 |
| 22 | Харид дар супермаркет ва бозор. Шарҳи рақамҳои мураккаб | Истифодаи саволҳои "How much?" ва "How many?" дар вазъиятҳои харид. | - | 2 | 2 |
| 23 | Хӯрок ва ғизо. Мазкр. Баррасии таомҳои миллии кишварҳои гуногун | Истифодаи Present Simple ва модалҳои одобӣ дар фармоиши хӯрок ва тавсифи таомҳо (I would like to order..., This dish is made with chicken). | 1 | 2 | 3 |
| 24 | Нақшакашии вақт: тақвим ва рӯзнома | Истифодаи Future Simple ва Present Continuous барои нақшакашии вақт ва амалҳои оянда (I am meeting my friend tomorrow, We will travel next week). | 1 | - | 1 |
| 25 | Нақлиёт. Рафтуомад дар шаҳр ва сафарҳои байнишаҳрӣ | Истифодаи модалҳои "can", "could" ва prepositions of movement барои роҳнамоӣ дар нақлиёт (Can you tell me how to get to the station?). | 1 | 2 | 3 |

| № | Мавзуъҳо | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ | Дарсҳои амалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 26 | Технологияҳои нав | Истифодаи Passive Voice барои тавсифи технологияҳои нав (New devices are created every year). | - | 2 | 2 |
| 27 | Компютер дар хона ва ҷои кор | Истифодаи модалҳои "must" ва "should" барои тавсифи истифодаи компютер дар ҷои кор (You must save your files regularly). | - | 1 | - |
| 28 | Саломатӣ ва ёрии тиббӣ. Муроҷиат ба табиб. Тавсифи нишонаҳо | Истифодаи модалҳои "should", "have to" барои тавсияҳо ва маслиҳатҳои тиббӣ (You should see a doctor). | - | 2 | 2 |
| 29 | Ташкили рӯз. Вақти рӯз ва реҷаи рӯзмарра | Истифодаи Present Simple ва prepositions of time барои тавсифи реҷаи рӯзмарра (I wake up at 7 a.m., I go to work in the morning). | - | 2 | 2 |
| 30 | Намуди зоҳирӣ ва хусусиятҳои шахсӣ. Чӣ тавр одамонро тавсиф кардан | Истифодаи сифатиҳо ва қиёсҳо (She is more intelligent than her brother, He is the tallest in the class). | - | 2 | 2 |
| 31 | Хобби ва шавқу ҳавасҳо. Тарзҳои гузаронидани вақти холӣ | Истифодаи Present Simple ва Present Continuous барои тавсифи шавқу ҳавас ва фаъолиятҳо (I like playing football, She is learning to play the piano). | 1 | 2 | 3 |
| 32 | Варзиш ва истироҳати фаъол. Баррасии намудҳои варзиш ва тамринҳо | Истифодаи модалҳои "can", "could" барои баррасии малакаҳо дар варзиш (I can swim, He could run fast when he was younger). | - | 2 | 2 |
| 33 | Сафарҳо ва сайёҳӣ. Нақшакашии сафар ва брон кардани билетҳо | Истифодаи Future Simple ва Present Continuous барои нақшакашии сафар (We are travelling next week, I will book the tickets tomorrow). | 1 | 2 | 3 |
| 34 | Тавсифи равандҳои корӣ ва вазифаҳо | Истифодаи Present Simple ва Past Simple барои тавсифи реҷа ва вазифаҳои | 1 | 2 | 3 |

| № | Мавзуъҳо | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ | Дарсҳои амалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | корӣ (I work in an office, Last year, I managed several projects). | | | |
| 35 | Дар ҷои кор. Тавсифи равандҳои корӣ ва вазифаҳо | Истифодаи модалҳои "must", "should", "have to" дар муҳити корӣ (We must follow the rules, You should submit the report by Friday). | 1 | 2 | 3 |
| 36 | Равандҳои офисӣ. Кор бо ҳуҷҷатҳо ва почтаи электронӣ | Истифодаи ибораҳои касбӣ барои ирсоли почтаи электронӣ (Could you please send me the document?). | - | 2 | 2 |
| 37 | Навиштан ва мактубҳои расмӣ. Қоидаҳои навиштани номаҳои расмӣ | Навиштани номаҳои расмӣ бо истифодаи ибораҳои расмӣ (I am writing to inform you...). | - | 2 | - |
| 38 | Презентатсия ва суханрониҳои оммавӣ. Шарҳи маводҳои презентатсионӣ | Истифодаи модалҳо ва ибораҳои тавсиявӣ барои тавсифи маводҳо (This presentation will focus on...). | - | 2 | 2 |
| 39 | Луғатҳо марбут ба пул ва бонкҳо | Истифодаи модалҳои "must", "should" ва prepositions of place/time барои тавсифи хизматрасониҳои бонкӣ (You must pay by next week). | 1 | 2 | 3 |
| 40 | Фарҳанги муошират дар ҷои кор. Одоби муошırати корӣ | Истифодаи ибораҳои касбӣ ва модалҳо барои тавсифи муҳити корӣ ва одоби муошират (We should maintain professional behavior at all times). | 1 | 2 | 3 |
| 41 | Кор дар гурӯҳ. Баррасии вазифаҳо ва кори даста | Истифодаи модалҳои "can", "must", "should" барои баррасии нақшҳо ва масъулиятҳо дар гурӯҳ (We must collaborate effectively, You can lead the project). | - | 2 | 2 |
| 42 | Муколамаҳои вазъиятӣ | Истифодаи ибораҳои касбӣ ва одобӣ дар муколамаҳои вазъиятӣ (Would you mind...?, Could you explain...?). | - | 2 | 2 |

| № | Мавзуъҳо | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ | Дарсҳои амалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 43 | Музокирот. Малакаи гузаронидани музокироти корӣ. Омодагӣ ба вохӯрии корӣ | Истифодаи модалҳои тавсиявӣ ва ибораҳои расмӣ барои гузаронидани музокирот (We should discuss the terms, Could we reschedule the meeting?). | - | 2 | 2 |
| 44 | Суханрониҳои табрикотӣ | Истифодаи ибораҳои табрикӣ ва одобӣ барои суханрониҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ (Congratulations on..., I would like to wish you all the best). | 1 | 2 | 3 |
| 45 | Либос. Мода ва интихоби либос барои фаслҳои гуногун. Либосҳои миллӣ | Истифодаи сифатиҳо барои тавсифи либос ва мода (This jacket is more stylish than that one, I prefer wearing traditional clothes). | 1 | 2 | 3 |
| 46 | Анъана ва расму оинҳои халқи тоҷик | Истифодаи Past Simple ва Present Perfect барои баррасии анъанаҳои миллӣ (In the past, people celebrated.../We have preserved our traditions for generations). | 1 | 2 | 3 |
| 47 | Баррасии ахбори муҳим. Сиёсат ва ахбори ҷаҳонӣ | Истифодаи Present Simple ва Passive Voice барои тавсифи ахбор ва воқеаҳои муҳим (The news is reported daily, Important decisions are made by the government). | - | 2 | 2 |
| 48 | Таҳияи луғати мухтасари тахассусӣ | Истифодаи луғат ва истилоҳоти касбӣ барои тахассус ва баррасии масъулиятҳои корӣ. | 1 | 2 | 3 |
| 49 | Муносибатҳои байналмилалӣ. Луғат барои баррасии сиёсати хориҷӣ | Истифодаи Present Simple ва модалҳо барои баррасии муносибатҳои байналмилалӣ (Countries must cooperate for peace). | - | 2 | 2 |
| 50 | Тавсифи барномаҳои иҷтимоӣ ва аксияҳои хайриявӣ | Истифодаи модалҳои "should" ва "must" барои баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ (We should support social programs, Charities must help those in need). | 1 | 2 | 3 |

| № | Мавзуъҳо | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ | Дарсҳои амалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 51 | Ҳуқуқи истеъмолкунандагон. Баррасии ҳуқуқ ва вазифаҳои истеъмолкунанда | Истифодаи модалҳои "can", "must" ва "have to" барои шарҳи ҳуқуқҳо ва масъулиятҳои истеъмолкунандагон (You must know your rights as a consumer). | - | 2 | 2 |
| 52 | Дебатҳо ва муҳокимаҳо. Малакаи далел овардан ва муколама | Истифодаи модалҳо ва linking words барои муҳокимаҳо (In my opinion, I believe that...). | 1 | 2 | 3 |
| 53 | Шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет. Амнияти интернетӣ | Истифодаи ибораҳои амнияти интернетӣ (You must protect your passwords, Don’t share personal information online). | 1 | 2 | 3 |
| 54 | Синамо ва телевизион. Тавсифи филмҳо, жанрҳо ва коргардонҳо | Истифодаи сифатиҳо ва Past Simple барои тавсифи филмҳо ва коргардонҳо (This film was directed by..., I liked the movie because...). | 1 | 2 | 3 |
| 55 | Театр ва санъат. Баррасии спектаклҳо ва намоишгоҳҳо | Истифодаи ибораҳои тавсифӣ барои баррасии санъат ва спектаклҳо (The performance was impressive, The exhibition displayed modern art). | 1 | 2 | 3 |
| 56 | Мусиқӣ ва афзалиятҳои мусиқавӣ. Тавсифи услубҳо ва ҳунармандон | Истифодаи Present Simple ва adjectives барои тавсифи услубҳои мусиқӣ ва ҳунармандон (He is a talented singer, I enjoy listening to jazz music). | - | 2 | 2 |
| 57 | Тарзи ҳаёт дар метрополия ва деҳот. Қиёси минтақаҳои шаҳр ва деҳот | Истифодаи қиёсҳо (comparatives/superlatives) барои муқоисаи тарзи ҳаёти шаҳр ва деҳот (Living in the city is more convenient than living in the countryside). | 1 | 2 | 3 |
| 58 | Волонтёрӣ ва хайрхоҳӣ. Ҷалб ба барномаҳои иҷтимоӣ | Истифодаи модалҳо (should, must) барои баррасии масъулиятҳои волонтёрӣ (We should help those in need, Volunteers must be committed to their work). | 1 | 2 | 3 |

| № | Мавзуъҳо | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ | Дарсҳои амалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 59 | Автомобилҳо ва ҳаракати роҳ. Тавсифи мошин ва қоидаҳои роҳ | Истифодаи модалҳои "must", "have to" барои тавсифи қоидаҳои роҳ (Drivers must follow the traffic rules, You have to stop at the red light). | 1 | 2 | 3 |
| 60 | Такрори ниҳоӣ ва кори назоратӣ | Такрори грамматика ва луғатҳои омӯхташуда барои тақвияти малакаҳо. | 1 | 1 | 2 |
| | **Ҳамагӣ** | | **30** | **114** | **144** |

Масъалаҳои грамматикӣ барои сатҳи **Pre-intermediate** дар бар мегиранд: Present Simple, Present Continuous, Past Simple, Future Simple, модалҳо (can, should, must), қиёсҳо, саволҳои мураккаб.

## ТАЛАБОТ БА САТҲИ ОМОДАГИИ ТАЪЛИМГИРАНДАГОНИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ А2 (PRE-INTERMEDIATE)

### 1. Малакаҳои асосӣ

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| **Шунавоӣ** | Таълимгиранда қодир аст нутқи равшан ва нисбатан мураккабро дар мавзуъҳои ошно (маълумоти шахсӣ, оила, харид, кор, саломатӣ) фаҳмад. Қобилияти дарки мазмуни асосӣ ва ҷузъҳои муҳимро дорад, инчунин метавонад ба дастурҳо ва талаботи садоии мураккабтар, монанди дастурҳои нақлиёт ва ҳуҷҷатҳо, ҷавоб диҳад.<br>- Шунидани муколамаҳои мураккаб дар мавзуъҳои рӯзмарра ва касбӣ.<br>- Дарки калимаҳо ва ибораҳои калидӣ дар нутқҳои муқаррарӣ (салом, хайрухуш, саволҳо ва ҷавобҳо дар бораи таҷрибаҳои шахсӣ ва касбӣ).<br>- Шунидани эълонҳо ва дастурҳои мураккаб дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва нақлиёт (масалан, "Бари баромад дар истгоҳи 3"). |
| **Гуфтор (Муколама)** | Таълимгиранда метавонад дар муколамаҳои бештар мураккаб иштирок кунад, саволҳои мураккаб диҳад ва ба онҳо ҷавоб диҳад (масалан, дар бораи кор, нақшаҳо, таҷрибаҳои шахсӣ). Метавонад ибораҳои касбӣ ва рӯзмарраро дар вазъиятҳои гуногун (ҳангоми кор, сафар, харид) истифода барад. Қодир аст дар муоширати касбӣ эҳтиром ва одобро нигоҳ дорад.<br>- Истифодаи ибораҳои мураккабтар барои муколамаҳо дар ҷои кор ва дар нақлиёт (масалан, "Could you please provide me with more information?", "I would like to discuss this matter further");<br>- Қодир аст дар баррасии мавзуъҳои касбӣ ва рӯзмарра иштирок карда, фикрҳои худро равшан баён кунад. |
| **Гуфтор (Монолог)** | Таълимгиранда метавонад дар бораи таҷрибаҳои шахсӣ ва касбии худ нақл кунад, нақшаҳоиояндаро баррасӣ кунад ва амалҳои анҷомдодаашро тавсиф кунад. Метавонад ҷузъҳои асосии ҳодисаҳо ё амалҳоро ба таври мантиқӣ тавсиф намуда, аз шаклҳои грамматикӣ ва луғати васеътар истифода барад.<br>- Тавсифи худ, оила, касб, таҷрибаҳо ва рӯзмарраро бо истифода аз ҷумлаҳои мураккабтар; |

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| | - Истифодаи шаклҳои мураккабтари замонҳои гузашта ва оянда барои тавсифи амалҳо (масалан, "Last year, I worked as a manager", "Next week, I am going to start a new project"). |
| **Хондан** | Таълимгиранда қодир аст матнҳои дарозтар ва мураккабтарро хонда, маълумоти муҳимро дарёфт кунад. Метавонад мақолаҳои кӯтоҳ, эълонҳо, номаҳои расмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои хаттиро фаҳмад. Қодир аст дастурҳо ва маълумоти хаттиро ба таври дақиқ пайгирӣ кунад.<br>- Хондани мақолаҳои кӯтоҳ ва матнҳои касбӣ (монанди мактубҳо ва дастурҳои корӣ);<br>- Фаҳмидани мазмуни асосии номаҳои расмӣ ва мактубҳои корӣ, аз қабили даъватномаҳо ё пешниҳодҳои расмӣ;<br>- Фаҳмидани матнҳои дарозтар, аз қабили дастурҳои корӣ ё маълумоти ташкилӣ. |
| **Навиштан** | Таълимгиранда метавонад мактубҳои расмӣ ва паёмҳои мураккабтар нависад, ки ба ҳолатҳои касбӣ ва шахсӣ вобастаанд. Метавонад варақаҳои расмӣ ё анкетаҳои касбиро пур кунад, инчунин мактубҳои расмӣ, монанди номаҳои корӣ, аризаҳо ва пешниҳодҳо нависад.<br>- Навиштани номаҳои шахсӣ ва расмӣ (табрикот, муроҷиатҳо, пешниҳоди расмӣ);<br>- Пур кардани анкетаҳои касбӣ ва формулаҳои расмӣ бо маълумоти мукаммал (ном, суроға, таҷрибаи корӣ, маълумоти тамос);<br>- Навиштани мактубҳо ва ёддоштҳои касбӣ (масалан, "I would like to request more information regarding..."). |

**2. Малакаҳои забонӣ**

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| **Фонетикӣ** | Таълимгиранда бояд тавонад овозҳои забони англисиро бо талаффузи дуруст истифода барад, ба калимаҳо ва ибораҳои мураккабтар дуруст таъкид гузорад ва интонацияи дурустро дар саволҳо, изҳорот ва муошırати расмӣ истифода кунад. Инчунин, фаҳмидани суҳбатҳои сабтшуда ва муоширати шифоҳӣ муҳим аст. |
| **Луғатӣ** | Таълимгиранда бояд маҷмӯи калимаҳо ва ибораҳои гуногунро барои истифода дар вазъиятҳои касбӣ ва иҷтимоӣ фаро гирад. Метавонад луғати мураккабтарро барои муоширати рӯзмарра ва касбӣ истифода барад (масалан, дар кор, нақлиёт, саёҳат, оила, саломатӣ). Қодир аст калимаҳои навро дар контексти муносиб дарк кунад. |
| **Грамматикӣ** | Таълимгиранда бояд сохторҳои грамматикии мураккабтарро истифода барад. Истифодаи замонҳои ҳозира, гузашта ва оянда дар ҷумлаҳои мураккаб (масалан, "I have been working", "I had finished before..."). Метавонад саволҳо ва ҷавобҳои мураккабро созад (масалан, "What have you been doing?", "Why did you...?"). Истифодаи пайвандҳо, монанди "although", "however", "therefore". |

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ В1 (INTERMEDIATE)

**(216 соат, 9 моҳ)**

**Душанбе – 2024**

# МУҚАДДИМА БА БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ САТҲИ B1 (INTERMEDIATE)
# (216 СОАТ, 9 МОҲ)

Барномаи таълимии мазкур дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 «Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ» таҳия шудааст. Тибқи фармони мазкур, кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ вазифадоранд, ки аз 1 апрели соли 2024 забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисиро омӯзанд. Мақсади фармони мазкур тақвияти малакаи касбӣ, ҷаҳонбинии сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи дониши забонҳои хориҷӣ миёни кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ мебошад.

Курси мазкур ҷиҳати татбиқи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар дар самти омӯзиши забонҳои хориҷӣ равона гардида, донишҳои заруриро дар сатҳи Сатҳи B1 (Intermediate) фароҳам меорад. Ба таълимгирандагон имкон медиҳад, ки забони англисиро дар фаъолияти касбӣ ва рӯзмарра бо эътимод истифода баранд. Ин сатҳ имкон медиҳад, ки таълимгирандагон бо муваффақият вазъиятҳои мураккабтарро ҳал намоянд ва бо тарзи мукаммалтар муошират кунанд.

**Мақсадҳо ва вазифаҳои курс**

**Мақсадҳои курс:**

1. Ташаккули малакаҳои пешрафтаи забонӣ барои муоширати муассир бо забони англисӣ дар сатҳи сатҳи B1 (Intermediate);
2. Рушд додани малакаҳои дарки нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дар сатҳи мураккабтар, ки дар ҳаёти касбӣ ва шахсӣ зарур аст;
3. Омодасозии таълимгирандагон барои истифодаи муассири забони англисӣ дар ҳолатҳои мураккабтар, аз ҷумла дар муҳити корӣ ва иҷтимоӣ;
4. Тақвияти малакаи забондонӣ барои ташаккули фикрҳои мукаммал, таҳлилҳои мураккаб ва гуфтушунидҳои касбӣ.

**Вазифаҳои курс:**

1. Омӯзонидани луғати пешрафта ва мураккаб барои истифода дар ҳолатҳои гуногуни касбӣ ва рӯзмарра;
2. Рушд додани малакаҳои грамматикӣ, ки тавсифи муфассали ҳолатҳои гузашта, ҳозира ваояндаро дарбар мегирад;
3. Омӯзонидани хондани матнҳои мураккаб, пур кардани варақаҳои расмии мураккаб ва навиштани мактубҳои касбӣ ва расмӣ;
4. Ташаккули қобилияти муошират дар муҳити касбӣ, истифодаи дурусти луғат ва грамматика дар муколамаҳои расмӣ ва иҷтимоӣ;
5. Эҷоди шароити воқеии муошират барои истифодаи амалии донишҳо тавассути муколамаҳо, бозиҳои нақшофарӣ, презентатсияҳо ва машқҳои гурӯҳӣ.

**Сохтори курс**

Барномаи таълимӣ аз 80 мавзуъ иборат аст, ки ҳар кадом паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва касбиро фаро мегирад. Мавзуъҳо аз муоширати расмӣ то мафҳумҳои мураккаби иҷтимоӣ ва касбӣ иборатанд. Инҳо мавзуъҳои асосӣ мебошанд:

- ***Муошират дар муҳити касбӣ ва иҷтимоӣ:*** омӯзиш ва истифодаи ибораҳои касбӣ дар ҷойҳои кор, мағозаҳо, нақлиёт ва маконҳои ҷамъиятӣ;
- ***Шарҳи таҷрибаҳои шахсӣ ва касбӣ:*** тавсифи кор, вазифаҳо, таҷрибаҳо, касб ва омӯзиш;
- ***Тавсифи ҷойҳои кор ва нақшаҳои касбӣ:*** муҳокимаи вазифаҳои корӣ, тарҳрезии нақшаҳо ва коркардҳои муҳим;
- ***Муҳокимаи масъалаҳои экологӣ ва муҳофизати табиат:*** таълим дар бораи муҳити зист ва таҳдидҳои экологӣ;
- ***Фарҳанги англисзабонҳо ва расму оинҳо:*** баррасии фарҳанг, идҳо ва расму оинҳои кишварҳои англисзабон.

**Методикаи таълим**

Методикаи таълими курс бар усули коммуникативӣ асос ёфтааст, ки ба истифодаи фаъолона ва воқеии забон дар муҳити воқеӣ равона карда шудааст. Диққати асосӣ ба рушди малакаҳои гуфтор, шунавоӣ, хондан ва навиштан дода мешавад. Машғулиятҳои амалӣ ва интерактивӣ таълимгирандагонро водор мекунанд, ки малакаҳои худро дар муҳити амалӣ ва корӣ такмил диҳанд.

***1. Усули коммуникативӣ:*** омӯзиш тавассути муколамаҳои воқеӣ ва бозиҳои нақшофарӣ, ки ба таълимгирандагон барои истифодаи сохторҳои забонӣ дар муҳити касбӣ ва иҷтимоӣ ёрӣ мерасонад;

***2. Тақвияти фонетика ва грамматика:*** диққати асосӣ ба дурусти талаффуз ва истифодаи грамматика, ки барои пешрафти муошират зарур аст;

***3. Мураккабшавии тадриҷӣ:*** барномаи омӯзиш пайдарпай сохта шудааст, то ки таълимгирандагон аз мавзуъҳои содда ба мавзуъҳои мураккабтар гузаранд.

***4. Табодули намудҳои фаъолият:*** шунавоӣ, хондан, муколама ва машқҳои хаттӣ ба ҳамдигар мувофиқанд ва дарсҳоро пурмазмун месозанд;

***5. Истифодаи маводҳои аудио-визуалӣ:*** курс маводҳои аудио ва видеоиро дар бар мегирад, ки ба шунавоӣ ва дарки нутқи зинда мусоидат мекунанд;

***6. Такрори мунтазам ва мустаҳкамкунӣ:*** машғулиятҳо мунтазам маводи гузаштаро такрор мекунанд, то таълимгирандагон қобилияти ба таври муназзам истифода бурдани забонро такмил диҳанд.

**Натиҷаҳои интизоршаванда**

Пас аз хатми курс, таълимгирандагон метавонанд:

- Ҷумлаҳои мураккабтар ва ибораҳои касбиро барои муоширати муассир дар муҳити касбӣ ва иҷтимоӣ истифода баранд;
- Дар муҳокимаҳои касбӣ ва шахсӣ фикрҳои худро равшан ва бо истифодаи грамматикаи дуруст баён кунанд;
- Дарк кунанд ва ба саволҳои мураккабтар дар мавзуъҳои касбӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ ҷавоб диҳанд;
- Варақаҳо ва мактубҳои касбӣ ва расмиро пур кунанд ва ба таври дуруст мактубҳои мураккаб нависанд;
- Барои таҳсил ва кор дар сатҳҳои B2 (Upper-Intermediate) ва C1 (Advanced) омода шаванд.

Ккурс мазкур дар баробари роҳандозии талаботи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои рушди забонӣ ва касбии кормандони сохторҳои давлатӣ кӯмак мерасонад, ки ба пешравии касбии онҳо мусоидат мекунад.

## МАЗМУНИ ТАЪЛИМ БАРОИ САТҲИ САТҲИ B1 (INTERMEDIATE) (216 СОАТ, 9 МОҲ)

Курси сатҳи Сатҳи B1 (Intermediate) забони англисӣ ҷанбаҳои амиқи забонро дар бар мегирад, ки барои ташаккули малакаҳои пешрафтаи коммуникативӣ дар ҳолатҳои касбӣ ва иҷтимоӣ равона шудааст. Дар ин сатҳ, таълимгирандагон метавонанд нутқҳои мураккабтарро фаҳманд, фикрҳои худро равшан баён намоянд ва бо истифодаи луғати васеъ ва сохторҳои мураккаби грамматикӣ муошират кунанд.

**1. Луғат ва грамматикаи васеъшуда**

**Луғат:**

- ***Муоширати иҷтимоӣ:*** ифодаҳои мураккабтар барои шиносоӣ, муошırати касбӣ ва рӯзмарра, инчунин суҳбат дар мавзуъҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ (масалан, ҳангоми муколамаҳои расмӣ дар ҷои кор ё гуфтугӯ бо дӯстон);
- ***Ҷанбаҳои касбӣ ва корӣ:*** луғат марбут ба касбҳо, вазифаҳои корӣ, муҳити офисӣ, музокирот ва равобити корӣ;
- ***Муоширати нақлиётӣ:*** ифодаҳо барои истифода дар нақлиёт, харид билет, роҳнамоӣ дар шаҳр ва дарки нишонаҳои роҳ;

• ***Саломатӣ ва тандурустӣ:*** ифодаҳои марбут ба саломатӣ, муроҷиат ба табиб, тавсифи бемориҳо ва ҳолатҳои ҷисмонӣ, маслиҳатҳо оид ба саломатӣ;

• ***Муҳити зист ва саёҳат:*** луғат барои тавсифи сафарҳо, ҷойҳои тамошобоб ва муҳокимаи масъалаҳои экологӣ ва муҳофизати табиат.

**Грамматика:**

• ***Present Simple ва Present Continuous:*** истифодаи замонҳои ҳозира барои тасвири амалҳо ва ҳолатҳои доимӣ ё муваққатӣ (масалан, "I work as a teacher", "I am currently working on a project");

• ***Past Simple ва Past Continuous:*** истифодаи дуруст барои тасвири амалҳо ва ҳолатҳои гузашта (масалан, "I traveled to France last summer", "I was working when you called");

• ***Future Simple ва шаклҳои оянда:*** истифодаи "will", "going to" ва "Present Continuous" барои нақшаҳо ва амалҳои оянда (масалан, "I will attend the meeting", "I am going to visit my friend");

• ***Истифодаи модалҳо (can, could, should, must):*** ифодаи иҷозат, тавсия, зарурат ва қобилият дар ҳолатҳои касбӣ ва рӯзмарра;

• ***Сифатҳо ва қиёсҳо (comparatives ва superlatives):*** барои тавсифи одамон, ашёҳо ва маконҳо (масалан, "This city is more beautiful than the last one", "She is the most experienced manager in the team");

• ***Сохтори саволҳо ва ҷумлаҳои манфӣ:*** саволҳои мураккабтар ва манфӣ бо истифодаи сохторҳои грамматикӣ (масалан, "What have you been working on?", "They haven't finished the report yet").

**2. Малакаҳои асосии коммуникативӣ**

**Гуфтор ва муколама:**

• ***Иштирок дар муколамаҳои касбӣ ва иҷтимоӣ:*** истифодаи ҷумлаҳои мураккаб барои суҳбатҳо дар ҷои кор, вохӯриҳо ва муҳокимаи масъалаҳои касбӣ ва шахсӣ. Метавонанд афзалиятҳо, реҷаҳо ва нақшаҳои шахсӣ ё касбиро баррасӣ кунанд;

• ***Истифодаи ибораҳои одобӣ:*** ибораҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ барои муроҷиат, шукргузорӣ ва узрхоҳӣ дар вазъиятҳои гуногун (масалан, "Could you please clarify?", "I apologize for the delay");

• ***Баён кардани афзалиятҳо ва пешниҳодҳо***: тавсифи нақшаҳои оянда, тавсия ва қабули пешниҳодҳо дар ҳолатҳои касбӣ.

**Шунавоӣ:**

• ***Дарки нутқи мураккабтар:*** шунавоӣ ва дарки муколамаҳои мураккаб дар муҳити корӣ ва иҷтимоӣ, дарк кардани эълонҳо ва дастурҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ;

• **Истифодаи маводи аудиоӣ:** шунидани гуфтугӯҳои корӣ ё муколамаҳо дар мавзуъҳои касбӣ бо суръати миёна ва фаҳмидани нуктаҳои калидӣ.

**Хондан:**

• ***Фаҳмидани матнҳои мураккабтар:*** хондани мақолаҳои корӣ, эълонҳо, дастурҳо ва варақаҳои иттилоотӣ, баррасии матнҳои расмӣ;

• ***Ҷустуҷӯ ва дарёфти маълумоти муҳим:*** ҷустуҷӯ дар матнҳо барои дарёфти маълумоти калидӣ (масалан, маълумот дар эълонҳои корӣ, маълумоти муҳими касбӣ ё сафар).

**Навиштан:**

• ***Навиштани матнҳои мураккабтар:*** омода кардани номаҳои расмӣ, мактубҳои касбӣ ва паёмҳои электронӣ (монанди номаҳои корӣ, даъватномаҳо ва ташаккурҳо);

• ***Пур кардани варақаҳо ва анкетаҳо:*** истифодаи ибораҳои дуруст барои пур кардани ҳуҷҷатҳо ва муроҷиатномаҳои расмӣ.

**3. Мавзуъҳо барои омӯзиш**

1. **Шиносоӣ ва муошират дар ҷойҳои ҷамъиятӣ**: истифодаи ибораҳои одобӣ ва расмӣ, тавсифи кор ва фаъолиятҳои рӯзмарра;

2. **Оила ва дӯстӣ**: тавсифи муносибатҳо ва нақши аъзоёни оила дар ҳаёти шахсӣ;

3. **Меҳмонхонаҳо, нақлиёт ва сайёҳӣ**: хариди билетҳо, брон кардани меҳмонхонаҳо, тавсияҳо ва роҳнамоӣ дар сафар;

4. **Харид ва фармоиши хӯрок**: муошират дар мағозаҳо ва ресторанҳо, фармоиши хӯрок ва тавсифи меню;

5. **Саломатӣ ва мурочиат ба табиб**: тавсифи ҳолатҳои саломатӣ, гирифтани маслиҳат аз табиб ва тавсифи нишонаҳо;

6. **Обу ҳаво ва фаслҳо**: баррасии обу ҳаво, нақшакашии истироҳат ва сафарҳо;

7. **Шуғл ва фаъолияти корӣ**: тавсифи речаи корӣ, вазифаҳо ва масъулиятҳо, баррасии фаъолияти касбӣ;

8. **Маълумоти шахсӣ ва касбӣ**: пур кардани ҳуҷҷатҳои расмӣ, навиштани резюме ва номаҳои мурочиатӣ;

9. **Муҳити зист ва масъалаҳои экологӣ**: тавсифи масъалаҳои муҳити зист ва муҳофизати табиат, баррасии роҳҳои беҳбуди вазъияти экологӣ;

10. **Фарҳанг ва анъанаҳои англисзабонон**: шарҳи идҳо, анъанаҳо ва расму оинҳои англисзабонон.

**Натиҷаҳои интизоршаванда**

Пас аз хатми курс, таълимгирандагон метавонанд:

- Ибораҳо ва ҷумлаҳои мураккабро барои муошират касбӣ ва иҷтимоӣ истифода баранд;
- Дар муҳокимаҳои касбӣ ва шахсӣ фикрҳои худро бо истифодаи грамматика ва луғати васеъ баён кунанд;
- Ба саволҳо ва масъалаҳои мураккабтар дар муҳити касбӣ ва шахсӣ ҷавоб диҳанд;
- Варақаҳо, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва мактубҳои кориро пурра ва бо сифати баланд таҳия кунанд;
- Барои таҳсил ва кор дар сатҳҳои Upper-Intermediate ва Advanced омода шаванд.

Ҳамин тавр, курси сатҳи B1 (Intermediate) имконият медиҳад, ки таълимгирандагон малакаҳои касбӣ ва шахсии худро такмил дода, дар муҳити иҷтимоӣ ва корӣ бо боварии бештар муошират кунанд.

## МАЛАКАҲО ВА МАЗМУНИ ТАЪЛИМ БАРОИ САТҲИ САТҲИ B1 (INTERMEDIATE)

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| ***Гуфтор (Муколама)*** | Таълимгирандагони сатҳи Сатҳи B1 (Intermediate) метавонанд дар муколамаҳои рӯзмарра ва касбӣ бо истифодаи ҷумлаҳои мураккабтар иштирок кунанд. Онҳо қодиранд дар муҳокимаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ фикрҳои худро равшан баён кунанд, дар вохӯриҳо фаъолона ширкат варзанд, гуфтушунидҳои корӣ анҷом диҳанд ва дар мавриди масъалаҳои касбӣ ва шахсӣ пешниҳодҳо кунанд. Дар сатҳи муколамаи касбӣ, истифодаи ибораҳои расмӣ ва одобӣ (масалан, "I would like to suggest...", "May I ask for clarification?") муҳим аст. Таълимгирандагон қодиранд дар муҳокимаҳо иштирок карда, мавқеи худро муҳофизат намоянд, фикрҳои худро баён кунанд ва аз ҳамкорон дархост ё маслиҳат кунанд. |
| ***Гуфтор (Монолог)*** | Таълимгирандагони сатҳи Сатҳи B1 (Intermediate) метавонанд дар бораи ҳаёти шахсӣ ва касбии худ бо истифодаи сохторҳои мураккаб нақл кунанд. Қодиранд ба таври муфассал дар бораи ҳодисаҳои гузашта, ҳозира ва оянда сухан гӯянд (масалан, "I have been working as a project manager for five years", "Next month, I will start a new position"). Ҳамчунин метавонанд речаҳои касбӣ ва рӯзмарраи худро бо сохторҳои мураккабтар, аз ҷумла тавассути истифодаи замонҳои гуногуни грамматикӣ, тавсиф намоянд. |

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| | Таълимгирандагон метавонанд фикрҳои шахсӣ ва афзалиятҳои худро дар мавзуъҳои гуногун, монанди саёҳат, кор ва таҳсилот, равшан баён кунанд. |
| ***Шунавоӣ*** | Дар сатҳи B1 (Intermediate), таълимгирандагон қодиранд гуфтугӯҳои мураккабтарро дар муҳити корӣ ва иҷтимоӣ шунаванд ва фаҳманд. Онҳо метавонанд муколамаҳои мураккабро дар ҷойҳои корӣ, нақлиёт ё дар муҳити касбӣ ва ҷамъиятӣ фаҳманд. Фаҳмидани эълонҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, мусоҳибаҳои корӣ ва муҳокимаҳои расмӣ муҳим аст. Таълимгирандагон бояд тавонанд дастурҳои шифоҳӣ ва роҳнамоиро дарк кунанд ва мувофиқи онҳо амал кунанд. Инчунин, машғулиятҳои шунавоӣ метавонанд ба маводи аудиоӣ, монанди подкастҳо, барномаҳои радиоӣ ва презентатсияҳои расмӣ равона карда шаванд. |
| ***Хондан*** | Таълимгирандагон дар сатҳи B1 (Intermediate) метавонанд матнҳои мураккабтарро хонда, онҳоро таҳлил ва дарк кунанд. Онҳо метавонанд мақолаҳои илмӣ, хабарҳои расмӣ, матнҳои корӣ ва ҳуҷҷатҳои расмиро хонда, маълумоти заруриро дарёфт кунанд. Таълимгирандагон бояд қодир бошанд, ки маълумоти калидиро аз матнҳо дарёфт кунанд, масалан, дар мавриди вазифаҳои корӣ, эълонҳои муҳим ё дастурҳои техникӣ. Матнҳои хондашаванда метавонанд мақолаҳо аз маҷаллаҳо, рӯзномаҳо, дастурҳои корӣ ва ё варақаҳои иттилоотӣ бошанд. |
| ***Навиштан*** | Таълимгирандагони сатҳи B1 (Intermediate) метавонанд матнҳои мураккабтарро, аз ҷумла мактубҳои расмӣ ва номаҳои касбӣ нависанд. Онҳо бояд қодир бошанд, ки номаҳои расмӣ, монанди муроҷиат ба корфармо, пешниҳодҳои тиҷоратӣ ё номаҳои расмӣ барои ташкилотҳои давлатӣ таҳия кунанд. Навиштани резюме, номаҳои муроҷиатӣ ва пур кардани ҳуҷҷатҳои расмӣ низ як қисми муҳими омӯзиш аст. Таълимгирандагон инчунин метавонанд дар асоси фаъолиятҳои рӯзмарра, мисли таҳияи нақшаҳои корӣ, ёддоштҳои корӣ ва паёмҳои электронӣ машқ кунанд. |
| ***Луғат*** | Дар сатҳи B1 (Intermediate), таълимгирандагон бояд луғати васеъро, ки барои муошироти касбӣ ва иҷтимоӣ зарур аст, фаро гиранд. Онҳо бояд қодиранд луғати марбут ба муҳити корӣ, саёҳат, саломатӣ, нақлиёт ва шароити иҷтимоиро омӯзанд. Масалан, луғати марбут ба касбҳо ва равобити корӣ ("teamwork", "negotiation", "project management"), инчунин луғати марбут ба саёҳат ва муҳофизати муҳити зист ("environmental sustainability", "recycling") омӯзонида мешавад. Ҳамчунин, онҳо бояд луғати марбут ба техника ва технологияро фаро гиранд. |
| ***Грамматика*** | Таълимгирандагон сатҳи B1 (Intermediate) бояд дар истифодаи замонҳои грамматикӣ, монанди Present Perfect, Past Continuous ва Future Continuous, малакаҳои устувор дошта бошанд. Онҳо бояд қодир бошанд, ки амалҳои мураккабро дар гузашта, ҳозира ва оянда бо истифодаи ин замонҳо баён кунанд. Масалан, "I have been working on this project for two weeks", "I was writing an email when he called", "I will be presenting at the conference tomorrow". Истифодаи модалҳо ("should", "might", "ought to") барои ифодаи тавсияҳо ва эҳтимолиятҳо низ фаро гирифта мешавад. Истифодаи шартҳо (conditionals) ва иборaҳои мураккаб, аз қабили "although", "despite", ва қиёсҳо (comparatives and superlatives) низ як қисми муҳими барнома мебошанд. |

## НАҚШАИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ
## БАРОИ САТҲИ САТҲИ B1 (INTERMEDIATE) (216 СОАТ, 9 МОҲ)

| № | Мавзуъҳо | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои лексионӣ (соат) | Дарсҳои амалӣ (соат) | Ҳамагӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шиносоӣ ва маълумоти шахсӣ: муаррифӣ, пур кардани анкетаҳо | Present Perfect vs Past Simple: Фарқи замонҳо барои тасвири амалҳо ва таҷрибаҳои номуайян ва гузаштаи маълум. | 1 | 3 | 4 |
| 2 | Оила ва дӯстон: муҳокимаи оила, дӯстӣ, таҳияи ҳикоя | Relative Clauses: Истифодаи ҷумлаҳои пайвандӣ барои тавсифи одамон ва ашёҳо (who, which, that). | | 2 | 2 |
| 3 | Кор ва касб: муҳокимаи касб, навиштани резюме, мактубҳои корӣ | Passive Voice: Шаклҳои феълҳои ғайримустақим барои тавсифи вазифаҳо ва корҳо (The report was completed by...). | 1 | 3 | 4 |
| 4 | Таҳсилот: муҳокимаи таҳсилот, таҳияи реҷаҳо, эссе дар мавзуи "Маълумоти ман" | Reported Speech: Истифодаи нутқи гузоришӣ барои нақл кардани гуфтаҳои дигарон (He said that he was studying abroad). | | 2 | 2 |
| 5 | Мактубҳои шахсӣ ва расмӣ: навиштани мактубҳои шахсӣ ва корӣ | Modal Verbs: Тавсияҳо ва иҷозатномаҳо бо модалҳо (should, must, have to). | 1 | 3 | 4 |
| 6 | Харид ва хизматрасониҳо: таҳияи диалогҳо ва пур кардани бланкҳо | Quantifiers: Истифодаи воҳидҳо барои тавсифи миқдор (a lot of, few, many). | | 2 | 2 |
| 7 | Саломатӣ ва тандурустӣ: пур кардани ҳуҷҷатҳои тиббӣ ва ҳисобот | Conditionals Type 1 & 2: Ҷумлаҳои шартӣ барои тавсифи эҳтимолият ва ғайриэҳтимолият (If you take this medicine, you will feel better). | 1 | 3 | 4 |
| 8 | Сайёҳат: брон кардани чиптаҳо, | Future Forms (will, going to, Present | | 2 | 2 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | тартиб додани нақшаҳо ва эссе | Continuous): Шаклҳои оянда барои нақша ва амалҳои оянда. | | | |
| 9 | Грамматика: замонҳои феълҳо (ҳозира, гузашта, оянда) | Tenses Revision: Такрори ҳамаи замонҳо барои тасвири амалҳои гузаштаи номуайян, ҳозира ва оянда. | 1 | 3 | 4 |
| 10 | Экология ва муҳити зист: масъалаҳои экологӣ, ҳисобот | Comparatives and Superlatives: Сифатҳо барои муқоиса ва таъкид (better, best). | | 2 | 2 |
| 11 | Фарҳанг ва вақтхушӣ: ҳикояҳо дар бораи хобби ва шавқу ҳавас | Gerunds and Infinitives: Тарзи истифодаи инфинитив ва герундҳо (I enjoy reading, I want to go). | 1 | 3 | 4 |
| 12 | Хӯрок ва тарабхонаҳо: таҳияи меню ва навиштани баррасии тарабхонаҳо | Articles (a, an, the): Тарзи дуруст истифода бурдани мақолаҳо дар таркиби ҷумлаҳо. | | 2 | 2 |
| 13 | Нақлиёт: муҳокимаи нақлиёт ва таҳияи реҷаҳои сафар | Prepositions of Time and Place: Тарзи истифодаи предлогҳо барои тавсифи макон ва вақт. | 1 | 2 | 3 |
| 14 | Обу ҳаво ва иқлим: таҳияи пешгӯии иқлим ва муҳокимаи тағйироти обу ҳаво | Adverbs of Frequency and Degree: Истифодаи зарфҳо барои тавсифи басомад ва дараҷа. | | 2 | 2 |
| 15 | Шаҳр ва манзил: тавсифи макон ва шартҳои иҷора | Relative Pronouns: Тавсифи макон ва ашёҳо бо истифода аз замимаҳои мурочиатӣ (who, which, where). | | 2 | 2 |
| 16 | Технология ва навовариҳо: таҳияи дастурамал ва тавсифи навовариҳо | Future Perfect: Истифодаи ин замон барои тасвири амалҳое, ки пеш аз вақтҳои муайян дар оянда анҷом хоҳанд шуд. | | 2 | 2 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 17 | Ҳисоботи хаттӣ: навиштани ҳисобот ва гузоришҳои расмӣ | Formal Writing: Шакли расмии навиштан барои мактубҳо ва ҳисоботҳо. | 1 | 3 | 4 |
| 18 | Варзиш ва саломатӣ: муҳокимаи тарзи ҳаёти солим ва варзиш | Phrasal Verbs: Истифодаи феълҳои таркибӣ дар гуфтор ва навишт (work out, take up). | | 2 | 2 |
| 19 | Ҷашнҳо ва анъанаҳо: таҳияи номаҳои табрикӣ ва муҳокима | Past Perfect: Тавсифи амалҳои пештара бо истифодаи замони гузашта. | 1 | 2 | 3 |
| 20 | Музокирот: машқҳо ва навиштани нақшаи гуфтушунид | Indirect Questions: Саволҳои ғайримустақим ва расмӣ (Could you tell me if...?). | 1 | 2 | 3 |
| 21 | Ҳунар ва фарҳанг: таҳлили асарҳо ва муаррифии онҳо | Passive Voice (Present & Past): Истифодаи феъли ғайримустақим дар муҳокимаи санъат ва таърих. | | 2 | 2 |
| 22 | Тарзи ҳаёт ва одатҳо: муҳокимаи речаҳои рӯзмарра ва ҳаёти солим | Present Continuous vs Present Simple: Фарқияти истифодаи дурусти ин замонҳо дар амалҳои доимӣ ва муваққатӣ. | | 2 | 2 |
| 23 | Ҳуҷҷатҳо ва мактубҳои расмӣ: пур кардани ҳуҷҷатҳо ва мактубҳо | Formal Letter Structure: Қоидаҳои навиштани мактубҳои расмӣ бо мурочиатҳои дуруст. | 1 | 3 | 4 |
| 24 | Ҳодисаҳои ҷаҳонӣ: муҳокима ва таҳияи мақолаҳои хабарӣ | Reported Speech: Нақли гуфтаҳои дигарон дар хабарҳои расмӣ ва шахсӣ. | 1 | 2 | 3 |
| 25 | Мӯд: муҳокимаи тамоюлҳои мӯд ва таҳияи мақола | Adjective Order: Тартиби дурусти сифатҳо дар ҷумлаҳо (long, elegant, black dress). | 1 | 2 | 3 |
| 26 | Ҷонварон: муҳокимаи ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ, эссе | Comparatives and Superlatives: Истифодаи қиёсҳо ва таъкидҳо (bigger, smaller, the most dangerous). | | 2 | 2 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 27 | Амалҳои бонкӣ: муҳокимаи амалиётҳои молиявӣ ва пур кардани ҳуҷҷатҳо | Modal Verbs for Permission and Obligation: Тарзи дурусти истифодаи модалҳо барои талаб ва иҷозат дар шароити бонкӣ (must, can, should). | | 2 | 2 |
| 28 | Ҳуҷҷатҳо ва мактубҳои расмӣ: навиштани мактубҳои корӣ ва пур кардани варақаҳо | Formal vs Informal Language: Тафовути услубҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ дар мактубҳои расмӣ ва шахсӣ. | 1 | 2 | 3 |
| 29 | Тарзи ҳаёт ва одатҳо: муҳокимаи тарзи ҳаёти солим ва эссе | Present Perfect Continuous: Истифодаи замони ҳозираи давомдор барои амалҳое, ки ҳанӯз идома доранд (I have been working on this...). | | 2 | 2 |
| 30 | Хабарҳо ва рӯйдодҳои ҷаҳон: таҳияи мақолаҳои хабарӣ | Reported Speech: Тарзи дурусти истифодаи нутқи гузоришӣ дар хабарнигорӣ (He said that he was going to the meeting). | | 2 | 2 |
| 31 | Адабиёти Тоҷикистон: баррасӣ ва таҳлили осори классикон | Past Simple vs Past Continuous: Фарқи дурусти истифодаи ин замонҳо барои тасвири амалҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати гузашта. | 1 | 2 | 3 |
| 32 | Адабиёти Англия: баррасӣ ва таҳлили асарҳои классикон | Passive Voice in Literature: Истифодаи феъли ғайримустақим дар таҳлили асарҳои адабӣ (The book was written by...). | 1 | 2 | 3 |
| 33 | Саводнокии молиявӣ: таҳияи буҷаи шахсӣ ё оилавӣ | Countable and Uncountable Nouns: Истифодаи исмҳои шумордорию бешумор дар гуфторҳои молиявӣ (money, savings, information). | 1 | 2 | 3 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 34 | Саломатии равонӣ: муҳокимаи масоили равонӣ ва таҳияи эссе | Modal Verbs for Advice: Истифодаи модалҳо барои маслиҳат додан (should, must) дар гуфтугӯҳои марбут ба саломатӣ. | | 2 | 2 |
| 35 | Лоиҳаҳои иҷтимоӣ: таҳияи нақшаи лоиҳаҳои иҷтимоӣ | Future Continuous: Истифодаи замони ояндаи давомдор барои тасвири амалҳое, ки дар оянда идома хоҳанд дошт (I will be working on...). | 1 | 3 | 4 |
| 36 | Карера ва рушди касбӣ: эссе ва нақшаи корӣ | Conditionals (Type 2 & 3): Истифодаи ҷумлаҳои шартӣ барои таҳлили имкониятҳои касбӣ (If I had studied, I would have...). | 1 | 2 | 3 |
| 37 | Манобеи энергетикӣ: муҳокимаи манбаҳои барқароршаванда ва ғайрибарқароршаванда | Future Perfect: Тарзи дурусти истифодаи замони ояндаи гузашта барои тасвири амалҳое, ки дар оянда ба итмом мерасанд. | | 2 | 2 |
| 38 | Муҳофизати табиат: муҳокима ва таҳлили масъалаҳои экологӣ | Gerunds and Infinitives: Истифодаи герунд ва инфинитив дар гуфтугӯҳои марбут ба муҳити зист (Stopping pollution is essential). | | 2 | 2 |
| 39 | Кино ва сериалҳо: навиштани рецензия ба филмҳо | Adverbs of Manner: Тарзи дуруст истифода кардани зарфҳо барои тавсифи ҳолатҳо ва амалҳо дар рецензияҳо (quickly, smoothly). | | 2 | 2 |
| 40 | Мушкилоти иҷтимоӣ: муҳокима ва таҳияи пешниҳодҳо барои ҳалли масъалаҳо | Conditionals (Type 1): Истифодаи ҷумлаҳои шартӣ барои тавсифи ҳодисаҳои эҳтимолӣ ва баррасии онҳо (If | 1 | 2 | 3 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | we improve education...). | | | |
| 41 | Рушди шахсӣ ва худтанзимкунӣ: навиштани эссе дар мавзуи рушд | Reflexive Pronouns: Истифодаи ҷонишинҳои бозгашт (myself, yourself) дар гуфтугӯҳо дар бораи худтанзимкунӣ ва рушди шахсӣ. | 1 | 2 | 3 |
| 42 | Дастовардҳои илмӣ: муҳокимаи ихтироот ва таҳияи мақола | Relative Clauses: Истифодаи ҷумлаҳои пайвандӣ барои тавсифи ихтироот ва ихтироъкорон (who, which, that). | | 2 | 2 |
| 43 | Номаи молиявӣ: навиштани ҳисоботҳо ва пур кардани ҳуҷҷатҳои молиявӣ | Passive Voice in Business: Истифодаи феъли ғайримустақим дар ҳисоботҳои молиявӣ (The report was completed by the accounting team). | 1 | 3 | 4 |
| 44 | Ҳалли низоъҳо: муҳокима ва бозиҳои нақшофарӣ дар гуфтушунид | Indirect Speech: Тарзи истифодаи нутқи ғайримустақим дар ҳалли низоъҳо (He mentioned that...). | | 2 | 2 |
| 45 | Таҳсилот дар ҷаҳон: баррасии низоми таҳсилот ва таҳияи эссе | Comparison of Systems: Истифодаи сифатҳо барои муқоиса кардани низомҳои гуногуни таҳсилот (better, more effective). | 1 | 2 | 3 |
| 46 | Системаи сиёсӣ: таҳлили низомҳои сиёсӣ ва навиштани ҳисобот | Passive Voice in Politics: Тавсифи рӯйдодҳои сиёсӣ бо истифодаи феъли ғайримустақим (The law was passed by...). | | 2 | 2 |
| 47 | Масъалаҳои глобалӣ: муҳокима ва таҳияи ҳисобот дар бораи тағйироти иқлим | Present Perfect for Unfinished Actions: Тарзи дурусти истифодаи замони ҳозира барои тавсифи амалҳое, ки то ҳол идома доранд. | | 2 | 2 |
| 48 | Эмоцияҳо ва назорати онҳо: навиштани эссе дар мавзуи худназоратӣ | Modals of Probability: Истифодаи модалҳо барои тавсифи эҳтимолиятҳо ва | 1 | 2 | 3 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | эҳсосот (might, could, must). | | | |
| 49 | Системаҳои нақлиёт: таҳлили нақлиёт ва таҳияи нақшаи сафар | Prepositions of Movement: Истифодаи предлогҳо барои тавсифи ҳаракатҳо ва маконҳо (to, from, towards). | | 2 | 2 |
| 50 | Илм ва технология: таҳияи мақола дар бораи технологияҳои оянда | Future Forms (will, going to): Тавсифи технологияҳои оянда бо истифодаи шаклҳои замони оянда. | 1 | 2 | 3 |
| 51 | Энергетика ва иқтисод: муҳокимаи истифодаи захираҳои энергетикӣ | Modals for Necessity and Obligation: Истифодаи "must", "should", "need to" барои баён кардани зарурат ва тавсияҳо. | | 2 | 2 |
| 52 | Волонтёрӣ ва нақши он дар ҷомеа: таҳияи нақшаи лоиҳаҳои ичтимоӣ | Gerunds and Infinitives: Истифодаи инфинитив ва герундҳо дар муколамаҳо дар бораи волонтёрӣ (I enjoy helping others). | | 2 | 2 |
| 53 | Кино ва сериалҳо: таҳлили филмҳо ва навиштани рецензияҳо | Adverbs of Manner: Истифодаи зарфҳо барои баён кардани тарзи иҷрои амалҳо (quickly, carefully). | | 2 | 2 |
| 54 | Ҷаҳони оянда: пешгӯӣ ва таҳлили рушди ичтимоӣ, эссе "Дунё пас аз 20 сол" | Future Perfect Continuous: Тасвири амалҳо, ки дар оянда барои муддати муайян идома хоҳанд дошт (In 20 years, I will have been working...). | 1 | 3 | 4 |
| 55 | Роҳҳои ҳалли низоъ: бозиҳои нақшофарӣ ва гуфтушунид дар муколамаҳо | Conditionals Type 2 & 3: Истифодаи шартиҳо барои таҳлили имконот ва роҳҳои ҳалли низоъҳо. | | 2 | 2 |
| 56 | Таҳияи буҷа: муҳокимаи саводнокии | Countable and Uncountable Nouns: Тарзи дурусти истифодаи исмҳои | 1 | 3 | 4 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | молиявӣ ва таҳияи буҷаи шахсӣ | шумуршаванда ва ношумор (money, advice, information). | | | |
| 57 | Реклама ва маркетинг: таҳлили стратегияи рекламавӣ ва таҳияи пешниҳод | Passive Voice in Advertising: Истифодаи феъли ғайримустақим дар таҳлили рекламаҳо (The product was promoted by the agency). | 1 | 3 | 4 |
| 58 | Кайҳон ва таҳқиқоти кайҳонӣ: навиштани эссе дар мавзуи “Ояндаи фазо” | Future Continuous: Тавсифи амалҳои ояндае, ки дар ҷараён хоҳанд буд (By 2050, people will be living on Mars). | | 2 | 2 |
| 59 | Дастгирии равонӣ: муҳокима ва навиштани мақола дар бораи дастгирии равонӣ | Modal Verbs for Advice and Support: Истифодаи модалҳо барои тавсия ва дастгирӣ (should, must). | 1 | 2 | 3 |
| 60 | Тибби оянда: таҳлили технологияи навтарин дар соҳаи тандурустӣ | Future Forms: Тавсифи амалҳои оянда дар тиб (The doctor will be using advanced technology). | | 2 | 2 |
| 61 | Автомобил ва нақлиёт: таҳлили системаҳои нақлиёти муосир ва оянда | Comparatives and Superlatives: Муқоисаи системаҳои нақлиётӣ (more efficient, the most reliable). | | 2 | 2 |
| 62 | Амнияти шахсӣ: муҳокимаи масъалаҳои амният дар интернет ва дар ҳаёт | Conditionals Type 1: Истифодаи ҷумлаҳои шартӣ барои баён кардани натиҷаҳои эҳтимолӣ (If you secure your account, it will be safe). | | 2 | 2 |
| 63 | Интернет ва муошират: эссе дар мавзуи “Нақши интернет дар ҳаёти мо” | Relative Clauses: Истифодаи ҷумлаҳои пайвандӣ барои тавсифи интернет ва нақши он (The internet, which has changed communication...). | 1 | 3 | 4 |
| 64 | Идоракунии вақт: муҳокима ва таҳияи нақша барои баланд | Present Continuous for Future Arrangements: Тавсифи реҷаҳо ва | 1 | 2 | 3 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | бардоштани самаранокӣ | нақшаҳои оянда (I am meeting the team at 3 PM). | | | |
| 65 | Анъана ва фарҳанги Тоҷикистон: эссе дар бораи анъанаҳои миллӣ | Present Perfect: Истифодаи замони ҳозира барои тавсифи амалҳое, ки то ҳол идома доранд ё таъсир доранд (We have always celebrated Nowruz). | 1 | 2 | 3 |
| 66 | Ташкилотҳои байналмилалӣ: нақши созмонҳои байналхалқӣ ва навиштани ҳисобот | Passive Voice in Reports: Тавсифи фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ бо истифодаи феъли ғайримустақим (The project was completed by WHO). | | 2 | 2 |
| 67 | Адабиёти Тоҷикистон: таҳлили осори адабӣ ва навиштани эссе | Narrative Tenses: Истифодаи замонҳои ҳикоятӣ барои нақл кардани ҳодисаҳо дар асарҳои адабӣ (He had traveled before writing the book). | 1 | 2 | 3 |
| 68 | Таҳлили адабиёти англис ва таҳияи мақола | Reported Speech in Literature: Истифодаи нутқи гузоришӣ барои таҳлили осори адабӣ (The author stated that the character had changed). | 1 | 2 | 3 |
| 69 | Технология ва инноватсия: таҳлили дастовардҳои техникӣ ва эссе | Future Perfect Continuous: Истифодаи замониояндаи давомдор барои тасвири амале, ки дар муддати муайян анҷом хоҳад ёфт (By 2030, we will have been using...). | | 2 | 2 |
| 70 | Ҷаҳонишавӣ: таҳлили таъсири ҷаҳонишавӣ ба фарҳанг ва иқтисод | Cause and Effect Clauses: Истифодаи ҷумлаҳои сабаб ва натиҷа (because, therefore) барои баррасии таъсири ҷаҳонишавӣ. | | 2 | 2 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 71 | Машқҳои грамматикӣ: кор бо сохторҳои мураккаби грамматикӣ | Mixed Conditionals: Истифодаи ҷумлаҳои шартии омехта барои баррасии натиҷаҳои амалҳои гузашта ва оянда (If I had saved money, I would be traveling now). | 1 | 2 | 3 |
| 72 | Фаъолияти ҷисмонӣ ва саломатӣ: таҳияи нақшаи фаъолияти ҷисмонӣ | Modals of Necessity: Истифодаи модалҳо барои зарурати фаъолиятҳои ҷисмонӣ (must, need to, should). | | 2 | 2 |
| 73 | Илм ва ихтироот: таҳлили дастовардҳои илмӣ ва навиштани ҳисобот | Present Perfect: Истифодаи замони ҳозира барои тавсифи ихтироот ва дастовардҳои ахир (Scientists have discovered a new method). | | 2 | 2 |
| 74 | Ҳунари суханварӣ: омодагӣ ва баромад дар назди ҷамъият | Reported Speech: Истифодаи нутқи гузоришӣ дар суханварӣ ва муаррифӣ (He mentioned that...). | 1 | 3 | 4 |
| 75 | Шоирон ва нависандагони англис: таҳлили шеъру осори классикон | Past Tenses: Истифодаи замонҳои гузашта барои тавсифи ҳодисаҳо дар асарҳои адабӣ. | 1 | 2 | 3 |
| 76 | Шоирон ва нависандагони тоҷик: таҳлили осори классикон ва эссе | Past Perfect: Истифодаи замони гузашта барои тавсифи амалҳои пештар аз ҳодисаи асосӣ дар асарҳо. | 1 | 2 | 3 |
| 77 | Шабакаҳои иҷтимоӣ ва таъсири онҳо: таҳлили таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ | Modals of Possibility: Истифодаи модалҳо барои тавсифи имконот ва натиҷаҳо дар олами рақамӣ (can, might, could). | 1 | 2 | 3 |
| 78 | Тағироти иқлим: таҳлили сабабҳо ва натиҷаҳои тағироти иқлим | Conditionals Type 1 & 2: Истифодаи ҷумлаҳои шартӣ барои муҳокимаи эҳтимолият ва оқибатҳои тағироти иқлим. | | 2 | 2 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 79 | Таҳсилоти фарогир: муҳокима ва ҳисобот дар бораи таҳсилоти фарогир | Passive Voice: Истифодаи феъли ғайримустақим барои тавсифи низоми таълим (Inclusive education is being implemented...). | 1 | 3 | 4 |
| 80 | Мушкилоти экологӣ: таҳлили мушкилоти экологӣ ва пешниҳоди ҳалли онҳо | Modals for Suggestions: Истифодаи модалҳо барои пешниҳоди ҳалли мушкилоти экологӣ (should, could). | | 2 | 2 |
| | **ҲАМАГӢ** | | **40** | **176** | **216** |

## ТАЛАБОТ БА САТҲИ ОМОДАГИИ ТАЪЛИМГИРАНДАГОНИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ B1 (INTERMEDIATE)

**1. Малакаҳои асосӣ**

| *Малакаҳо* | **Мазмун** |
|---|---|
| ***Шунавоӣ*** | Таълимгиранда қодир аст нутқи равшан ва нисбатан мураккабро дар мавзуъҳои ошно ва касбӣ (маълумоти шахсӣ, оила, харид, кор, саломатӣ) фаҳмад. Қобилияти дарки мазмуни асосӣ ва ҷузъҳои муҳимро дорад, инчунин метавонад ба дастурҳо ва талаботи мураккабтар, монанди дастурҳои нақлиёт ва ҳуҷҷатҳо, ҷавоб диҳад. Шунидани муколамаҳои мураккаб дар мавзуъҳои рӯзмарра ва касбӣ. Дарки калимаҳо ва ибораҳои калидӣ дар нутқҳои муқаррарӣ (салом, хайрухуш, саволҳо ва ҷавобҳо дар бораи таҷрибаҳои шахсӣ ва касбӣ). Шунидани эълонҳо ва дастурҳои мураккаб дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва нақлиёт (масалан, "Барои баромад дар истгоҳи 3"). |
| ***Гуфтор (Муколама)*** | Таълимгиранда метавонад дар муколамаҳои мураккаб иштирок кунад, саволҳои мураккаб диҳад ва ба онҳо ҷавоб диҳад (масалан, дар бораи кор, нақшаҳо, таҷрибаҳои шахсӣ). Метавонад ибораҳои касбӣ ва рӯзмарраро дар вазъиятҳои гуногун (кор, сафар, харид) истифода барад. Қодир аст дар муоширати касбӣ эҳтиром ва одобро нигоҳ дорад. Истифодаи ибораҳои мураккаб барои муколамаҳо дар ҷои кор ва нақлиёт (масалан, "Could you please provide more information?", "I would like to discuss this matter further"). Мушовара ва иштирок дар баррасии мавзуъҳои касбӣ ва рӯзмарра бо фикрҳои равшан. |
| ***Гуфтор (Монолог)*** | Таълимгиранда метавонад дар бораи таҷрибаҳои шахсӣ ва касбии худ нақл кунад, нақшаҳои ояндаро баррасӣ кунад ва амалҳои анҷомдодаашро тавсиф кунад. Метавонад ҷузъҳои асосии ҳодисаҳо ё амалҳоро ба таври мантиқӣ тавсиф намуда, аз шаклҳои грамматикӣ ва луғати васеъ истифода барад. Тавсифи худ, оила, касб, таҷрибаҳо ва рӯзмарра бо ҷумлаҳои мураккаб. Истифодаи шаклҳои мураккабтари замонҳои гузашта ва оянда барои тавсифи амалҳо (масалан, "Last year, I worked as a manager", "Next week, I am going to start a new project"). |
| ***Хондан*** | Таълимгиранда қодир аст матнҳои дарозтар ва мураккабро хонда, маълумоти муҳимро дарёфт кунад. Метавонад мақолаҳои кӯтоҳ, эълонҳо, |

| *Малакаҳо* | **Мазмун** |
| --- | --- |
| | номаҳои расмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои хаттиро фаҳмад. Қодир аст дастурҳо ва маълумоти хаттиро дақиқ пайгирӣ кунад. Хондани мақолаҳои кӯтоҳ ва матнҳои касбӣ (монанди мактубҳо ва дастурҳои корӣ). Фаҳмидани мазмуни асосии номаҳои расмӣ ва мактубҳои корӣ, аз қабили даъватномаҳо ё пешниҳодҳои расмӣ. Фаҳмидани матнҳои дарозтар, аз қабили дастурҳои корӣ ё маълумоти ташкилӣ. |
| ***Навиштан*** | Таълимгиранда метавонад мактубҳои расмӣ ва паёмҳои мураккабтар нависад, ки ба ҳолатҳои касбӣ ва шахсӣ вобастаанд. Метавонад варақаҳои расмӣ ё анкетаҳои касбиро пур кунад, инчунин мактубҳои расмӣ, монанди номаҳои корӣ, аризаҳо ва пешниҳодҳо нависад. Навиштани номаҳои шахсӣ ва расмӣ (табрикот, мурожиатҳо, пешниҳоди расмӣ). Пур кардани анкетаҳои касбӣ ва формулаҳои расмӣ бо маълумоти мукаммал (ном, суроға, таҷрибаи корӣ, маълумоти тамос). Навиштани мактубҳо ва ёддоштҳои касбӣ (масалан, "I would like to request more information regarding..."). |

## 2. Малакаҳои забонӣ

| *Малакаҳо* | **Мазмун** |
| --- | --- |
| ***Фонетикӣ*** | Таълимгиранда бояд тавонад овозҳои забони англисиро бо талаффузи дуруст истифода барад, ба калимаҳо ва ибораҳои мураккабтар дуруст таъкид гузорад ва интонацияи дурустро дар саволҳо, изҳорот ва муошрати расмӣ истифода кунад. Инчунин, фаҳмидани суҳбатҳои сабтшуда ва муошрати шифоҳӣ муҳим аст. |
| ***Луғатӣ*** | Таълимгиранда бояд маҷмӯи калимаҳо ва ибораҳои гуногунро барои истифода дар вазъиятҳои касбӣ ва иҷтимоӣ фаро гирад. Метавонад луғати мураккабтарро барои муошрати рӯзмарра ва касбӣ истифода барад (масалан, дар кор, нақлиёт, саёҳат, оила, саломатӣ). Қодир аст калимаҳои навро дар контексти муносиб дарк кунад. |
| ***Грамматикӣ*** | Таълимгиранда бояд сохторҳои грамматикии мураккабтарро истифода барад. Истифодаи замонҳои ҳозира, гузашта ва оянда дар ҷумлаҳои мураккаб (масалан, "I have been working", "I had finished before..."). Метавонад саволҳо ва ҷавобҳои мураккабро созад (масалан, "What have you been doing?", "Why did you...?"). Истифодаи пайвандҳо, монанди "although", "however", "therefore". |

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ B2 (UPPER-INTERMEDIATE)

**(432 соат, 18 моҳ)**

**Душанбе – 2024**

## МУҚАДДИМА БА БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ B2 (UPPER-INTERMEDIATE) (432 соат, 18 моҳ)

Барномаи таълимии мазкур дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 «Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ» таҳия шудааст. Тибқи фармони мазкур, кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ вазифадоранд, ки аз 1 апрели соли 2024 забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисиро омӯзанд. Мақсади фармони мазкур тақвияти малакаи касбӣ, ҷаҳонбинии сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи дониши забонҳои хориҷӣ миёни кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ мебошад.

Курси B2 (Upper-Intermediate) (432 соат, 18 моҳ) барои таълимгирандагоне пешбинӣ шудааст, ки сатҳҳои поёнтари забони англисиро омӯхта, мехоҳанд донишҳои худро такмил диҳанд ва ба сатҳи пешрафта расанд. Ин барнома барои таҳкими дониши грамматика ва луғат, инчунин такмили малакаҳои муоширатӣ дар ҳолатҳои касбӣ ва иҷтимоӣ равона шудааст.

**Мақсадҳо ва вазифаҳои курс**

**Мақсадҳои асосии курс:**

1. Таҳкими малакаҳои пешрафтаи забонӣ барои истифодаи забони англисӣ дар муошırати касбӣ ва шахсӣ дар сатҳи B2 (Upper-Intermediate);
2. Рушд додани қобилияти дарки нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дар муҳитҳои мураккаби касбӣ, аз ҷумла муҳокимаҳои корӣ, ҳалли мушкилот ва муомилоти расмӣ;
3. Омодасозии таълимгирандагон барои истифодаи мустақили забон дар вазъиятҳои рӯзмарра ва касбӣ;
4. Таҳкими малакаҳои хаттӣ барои навиштани мактубҳо, ҳисоботҳо ва пешниҳодҳои расмӣ.

**Вазифаҳои курс:**

1. Омӯзонидани луғати васеъ ва истилоҳоти касбӣ барои муошират дар муҳити корӣ ва иҷтимоӣ;
2. Такмили малакаҳои грамматикӣ, аз ҷумла истифодаи мураккаби замонҳо, модалҳо ва ибораҳои шартӣ;
3. Рушд додани қобилияти хондан ва дарк кардани матнҳои мураккаб дар соҳаҳои касбӣ ва иҷтимоӣ;
4. Таҳкими малакаҳои истифодаи дурусти сохторҳои грамматикӣ дар навиштани мактубҳои расмӣ, ҳисоботҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ.

**Сохтори курс**

Барномаи таълимӣ аз 150 мавзуъ иборат аст, ки ҳар кадоме ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт ва муоширатро дар сатҳи B2 (Upper-Intermediate) фаро мегирад. Ин мавзуъҳо ба таълимгирандагон имкон медиҳанд, ки малакаҳои муоширатиро дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла касбӣ ва шахсӣ, такмил диҳанд.

**Мавзуъҳои асосӣ иборатанд аз:**

- **Муошират дар муҳити корӣ**: истифодаи луғат ва ибораҳо барои муҳокимаи масъалаҳои касбӣ, музокирот ва баён кардани фикрҳо дар муҳити корӣ.
- **Гузоришҳо ва пешниҳодҳо**: омӯзиши навиштани гузоришҳо ва пешниҳодҳои расмӣ;
- **Муошırати иҷтимоӣ ва касбӣ:** тавсифи муошırати касбӣ ва баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ, монанди тағйироти иқлим ва муҳофизати муҳити зист;
- **Саёҳат ва нақлиёт**: истифодаи луғат ва истилоҳоти марбут ба саёҳат, нақлиёт ва туризм;

• **Муошират дар ҷойҳои ҷамъиятӣ**: муошират дар мағозаҳо, меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои хизматрасонӣ;

• **Грамматикаи мураккаб**: омӯзиши ҷанбаҳои пешрафтаи грамматика, аз ҷумла ҷумларо бо модалҳо, ҷумлаҳои шартӣ ва вақти мураккабтар.

**Методикаи таълим**

Усули таълим бар усули коммуникативӣ асос ёфтааст, ки таълимгирандагонро ба муошırати фаъол бо забони англисӣ ташвиқ мекунад. Ин методика ба амалияи муошират дар ҳолатҳои воқеии зиндагӣ ва кор диққати махсус медиҳад. Дарсҳо шомили машқҳои шунавоӣ, гуфтор, хондан ва навиштан мебошанд. Машғулиятҳо инчунин дар бар мегиранд:

1. **Коркарди фонетикӣ**: таълим дар бораи талаффузи дурусти калимаҳо ва ҷумлаҳо;
2. **Машқҳои интерактивӣ**: бозиҳои нақшофарӣ, муколамаҳои гурӯҳӣ ва истифодаи маводҳои аудио-визуалӣ;
3. **Такмили дониши грамматикӣ**: омӯзиши сохторҳои мураккаби грамматика ва татбиқи онҳо дар муошırати хаттӣ ва шифоҳӣ;
4. **Таҳлили матнҳои хаттӣ ва шифоҳӣ**: ҳалли матнҳо ва муколамаҳои мураккабтар.
5. **Такрори мунтазам**: Такмили малакаҳои омӯзишӣ ва азхудкунии маводи гузашта.

**Натиҷаҳои интизоршаванда**

**Пас аз анҷоми курс, таълимгирандагон метавонанд:**

• **Нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ**: муошират дар мавзуъҳои касбӣ ва шахсӣ бо истифода аз луғати васеъ ва сохторҳои мураккаби грамматикӣ;

• **Фаҳмидани матнҳо**: дарк кардани матнҳои хаттӣ ва шифоҳӣ дар соҳаҳои касбӣ ва иҷтимоӣ;

• **Навиштани мактубҳо ва гузоришҳо**: таҳияи ҳуҷҷатҳои расмӣ, аз ҷумла гузоришҳо, мактубҳои расмӣ ва пешниҳодҳои касбӣ;

• **Муошırати касбӣ ва иҷтимоӣ**: иштирок дар муҳокимаҳои касбӣ, музокирот ва баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ дар муҳити корӣ.

**Хулоса**

Ин курс барои тайёр кардани таълимгирандагон барои муошırати муассир дар сатҳи B2 (Upper-Intermediate) пешбинӣ шудааст. Пас аз хатми курс, онҳо метавонанд дар ҳолатҳои мураккаби касбӣ ва шахсӣ забони англисиро бо эътимод ва муассир истифода баранд.

## МАЛАКАҲО ВА МАЗМУНИ ТАЪЛИМ БАРОИ САТҲИ B2 (UPPER-INTERMEDIATE)

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| **Шунавоӣ** | Таълимгиранда қодир аст, ки гуфтугӯҳо ва суханрониҳои мураккабро, ки бо суръати миёна ва баланд гуфта мешаванд, ба осонӣ дарк кунад. Ин малака ба фаҳмидани нутқи равон ва мураккаб, аз ҷумла эълонҳои расмӣ, дастурҳо, суҳбатҳои касбӣ ва гуфтугӯҳои радиову телевизионӣ, ки мавзуъҳои мураккаб ва касбиро фаро мегиранд, дахл дорад. Шогирдон метавонанд тафсилоти нозукро, ки дар забони гуфтугӯ мавҷуданд, дарк кунанд, аз ҷумла истифодаи ифодаҳои нозук (idiomatic expressions), қайдҳои ғайримустақим ва тонҳои эҳсосӣ. Малакаи шунавоии онҳо барои дарк кардани нутқҳои касбӣ дар муҳити корӣ, презентатсияҳо ва конфронсҳо низ дар сатҳи баланд аст. |
| **Гуфтор (Муколама)** | Дар сатҳи B2 (Upper-Intermediate), таълимгирандагон қодиранд, ки дар муколамаҳои расмӣ, гуфтушунидҳои касбӣ ва муҳокимаҳои мураккаб фаъолона иштирок кунанд. Онҳо метавонанд бо истифода аз ибораҳои расмӣ, луғати касбӣ ва таркиботи мураккаби грамматикӣ бо ҳамкорон, роҳбарон ва шарикон дар муҳити касбӣ равон муошират кунанд. Истифодаи ибораҳои нозук барои ибрози эҳтиром, пешниҳодҳо ва баёни |

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| | ризоият ё норизоӣ дар гуфтугӯҳои корӣ муҳим аст. Дар муколамаҳои касбӣ таълимгирандагон метавонанд масъалаҳоро равшан ифода кунанд, пешниҳодҳои муфассал кунанд ва баҳсҳои мураккабро пеш баранд. Қобилияти гуфтушунид, яъне баён кардани фикрҳо бо далелҳои мукаммал ва мустақилона идора кардани суҳбат низ муҳим аст. Дар ҳолатҳои ғайрирасмӣ, таълимгирандагон метавонанд бо дӯстони худ ё шиносон дар мавзуъҳои гуногун гуфтугӯ кунанд ва лаҳзаҳои гуногуни гуфторро дарк намоянд. |
| **Гуфтор (Монолог)** | Дар ин сатҳ, таълимгирандагон метавонанд монологҳои тӯлонӣ ва мураккабро дар муҳити касбӣ ё шахсӣ иҷро кунанд. Онҳо метавонанд як мавзуи мушаххасро бо тафсилот тавсиф кунанд, аз ҷумла таҷрибаҳои касбӣ, нақшаҳои шахсӣ ё касбӣ, ва пешниҳодҳо дар муҳокимаҳои расмӣ. Истифодаи ибораҳои нозук барои шарҳи ҳолатҳои мушкил ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли мураккаб. Масалан, таълимгирандагон метавонанд дар бораи таҷрибаҳои корӣ (ба монанди "I have been working on this project for the last three months") ё дар бораи нақшаҳои оянда ("I am planning to attend an international conference next year") нақл кунанд. Қобилияти пайвастани фикрҳо, истифодаи пайвандҳои мантиқӣ, ки барои эҷоди ҷумлаҳои дароз ва мураккаб истифода мешаванд, низ лозим аст. |
| **Хондан** | Таълимгиранда қодир аст матнҳои мураккаб ва тӯлонӣ, ки шомили мафҳумҳои мураккаб ва касбӣ мебошанд, хонда, маънои асосӣ ва ҷузъҳои муҳимро дарк кунад. Матнҳое ба монанди дастурҳои расмӣ, эълонҳои корӣ, ҳисоботи корӣ, мақолаҳои таҳлилӣ ва матнҳои расмии давлатӣ дар доираи хондани онҳо дохил мешаванд. Таълимгирандагон бояд қодир бошанд, ки матнҳои мураккабро бо фаҳмиши амиқ таҳлил кунанд ва тафсилоти муҳимро дарёфт намоянд. Қобилияти хондани матнҳо дар соҳаҳои гуногун (иқтисод, сиёсат, муҳандисӣ ва ғайра) низ зарур аст. Инчунин, онҳо бояд малакаи таҳлили далелҳо ва хулоса бароварданро дошта бошанд. |
| **Навиштан** | Дар сатҳи B2 (Upper-Intermediate), таълимгирандагон бояд қодир бошанд, ки мактубҳои расмӣ ва касбӣ, аз ҷумла ҳисоботи мураккаб, пешниҳодҳои расмӣ, ёддоштҳои корӣ ва номаҳои расмиро нависанд. Ин шомили истифодаи услуби расмӣ, пайвандҳои грамматикӣ ва таркиботи мураккаб мебошад. Таълимгирандагон бояд қодир бошанд фикрҳои худро ба таври мантиқӣ ва равшан ифода кунанд, дар мактубҳои касбӣ далелҳоро бо тафсилоти мувофиқ пешниҳод намоянд. Истифодаи сохторҳои грамматикии мураккаб ва истилоҳоти касбӣ дар мактубҳо ва ҳисоботҳо низ талаб карда мешавад. Барои мисол, таълимгирандагон метавонанд пешниҳодҳо нависанд, ки вазъият ва ҳалли масъалаҳоро бо далелҳои мукаммал баррасӣ кунанд. Ҳамчунин, онҳо бояд қодир бошанд паёмҳои электронӣ ва ёддоштҳои расмиро таҳия кунанд. |
| **Луғавӣ** | Таълимгирандагони сатҳи B2 (Upper-Intermediate) бояд маҷмӯи васеътарини луғати касбӣ ва иҷтимоиро фаро гиранд. Ин шомили луғати марбут ба мавзуъҳои мураккаб, аз ҷумла бизнес, иқтисод, ҳуқуқ, муҳити зист, сиёсати байналмилалӣ ва ғайра мебошад. Таълимгирандагон бояд қодир бошанд истилоҳот ва ибораҳои нозуки касбиро дар контексти дуруст истифода баранд. Илова бар ин, онҳо бояд қодир бошанд, ки луғати нозук ва маъноҳои ғайримустақимро дарк кунанд ва дар муошират истифода баранд. Барои мисол, луғати марбут ба раванди гуфтушунид ва |

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| | муколамаҳои касбӣ (ба монанди "to negotiate", "to reach an agreement") дар ин сатҳ омӯзонида мешавад. |
| **Грамматикӣ** | Таълимгирандагон бояд дар истифодаи грамматикаи мураккаб малакаи қавӣ дошта бошанд. Онҳо бояд замонҳои мураккаби гузаштаро (Past Perfect Continuous), замонҳои феъли ҳозира ва ояндаро (Present Perfect, Future Perfect) дар баробари шартҳои мураккаб (Third Conditional, Mixed Conditional) дуруст истифода баранд. Қобилияти сохтани саволҳои мураккаб ва ҷавобҳои пурра ва равшан низ зарур аст. Дар ин сатҳ, истифодаи модалҳо (modal verbs) барои ифрози ният, эҳтимолият ва маслиҳатҳо ба таври нозук истифода мешавад (масалан, "might", "should have", "ought to"). Шогирдон бояд ҷумлаҳои мураккабро сохта, байни онҳо бо пайвандҳои мантиқӣ ("although", "however", "therefore") робитаҳо эҷод кунанд. |

## МАЗМУНИ ТАЪЛИМ БАРОИ САТҲИ B2 (UPPER-INTERMEDIATE)

1. **Шунавоӣ**:
- Фаҳмидани нутқи мураккаб дар муколамаҳои корӣ ва расмӣ;
- Шунидани маводҳои касбӣ, монанди эълонҳо, дастурҳо, конфронсҳо, презентатсияҳо ва барномаҳои радиоӣ;
- Дарки нуктаҳои калидӣ ва ишораҳои нозук дар гуфтугӯҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ.

2. **Гуфтор (Муколама)**:
- Иштирок дар муколамаҳои расмӣ ва касбӣ, монанди гуфтушунидҳо ва машваратҳои корӣ;
- Ифодаи равшани пешниҳодҳо, пешниҳодҳои алтернативӣ ва баҳсҳои касбӣ;
- Истифодаи ибораҳои касбӣ ва истилоҳоти мураккаб дар гуфтугӯҳои корӣ ва расмӣ.

3. **Гуфтор (Монолог)**:
- Таҳия ва пешниҳоди презентатсияҳои мураккаб дар муҳити корӣ ё шахсӣ;
- Тавсифи муфассали таҷрибаҳо, вазифаҳои корӣ, ё нақшаҳои шахсӣ;
- Истифодаи сохторҳои грамматикӣ ва луғати мураккаб барои тавсифи тафсилот.

4. **Хондан**:
- Хондани мақолаҳои таҳлилӣ, дастурҳои расмӣ, матнҳои касбӣ ва матнҳои дароз;
- Фаҳмидани тафсилоти калидӣ дар матнҳои касбӣ, аз ҷумла ҳисоботи молиявӣ ва эълонҳои корӣ;
- Баррасии матнҳо дар соҳаҳои мухталиф (иқтисод, сиёсат, технология ва ғайра).

5. **Навиштан**:
- Таҳияи мактубҳо ва ҳисоботи мураккаб барои истифодаи корӣ ва расмӣ;
- Пур кардани анкетаҳои мураккаб ва таҳияи ҳуҷҷатҳои расмӣ, монанди пешниҳоди корӣ ва ҳисоботи молиявӣ;
- Навиштани номаҳои расмӣ бо далелҳои муфассал ва услуби мувофиқ.

6. **Луғавӣ**:
- Вусъати луғати касбӣ ва иҷтимоӣ дар мавзуъҳои пешрафта, монанди сиёсат, тиҷорат, иқтисод ва муҳити зист;
- Истифодаи луғати махсус ва истилоҳоти касбӣ дар контексти корӣ ва иҷтимоӣ;
- Фаҳмидани ибораҳо ва ифодаҳои мураккаб дар матнҳо ва муколамаҳо.

7. **Грамматикӣ**:
- Истифодаи замонҳои мураккаб (Present Perfect Continuous, Past Perfect, Future Perfect);
- Истифодаи модалҳо барои ифрози ният, маслиҳат ва эҳтимолият;

- Истифодаи сохторҳои шарти мураккаб (Third Conditional, Mixed Conditional);
- Дарки нуктаҳои грамматикӣ ва ифодаи фикрҳои мураккаб бо истифодаи пайвандҳои мантиқӣ.

## НАҚШАИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ B2 (UPPER-INTERMEDIATE) (432 СОАТ, 18 МОҲ)

Дар ҷадвали зерин мавзуъҳои таълимӣ барои сатҳи B2 (Upper-Intermediate) оварда шудаанд, ки ҳар як мавзуъ бо дарсҳои лексионӣ ва машқҳои амалӣ барои омӯзиш пешбинӣ шудаанд. Инчунин, дар ҳар мавзуъ масъалаҳои грамматикии мувофиқ ба ин сатҳ пешбинӣ шудаанд.

| № | Мавзуъ | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ (соат) | Дарсҳои амалӣ (соат) | Ҳамагӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Муқаддима ба коммуникатсия: дастгирӣ ва анҷом додани суҳбат | Reported Speech (Нутқи гузошта) | - | 2 | 2 |
| 2 | Салом, хайрухуш, бахшиш, сипосгузорӣ | Modals (Can, Could, Would) | - | 2 | 2 |
| 3 | Шинос намудани худ ва дигарон дар ҳолатҳои гуногун | Present Perfect ва Present Perfect Continuous | - | 2 | 2 |
| 4 | Навиштани мактубҳои касбӣ: сохтор ва формат | Formal Writing (забони расмӣ) | 1 | 3 | 4 |
| 5 | Тартиб додан ва таҳрири ҳисоботҳо | Passive Voice (Сурати хомӯш) | 1 | 3 | 4 |
| 6 | Конструксияҳои грамматикӣ: ҷумлаҳои шартӣ (Conditional Sentences Type 1, 2, 3) | Conditional Sentences (Ҷумлаҳои шартӣ) | 1 | 2 | 3 |
| 7 | Тартиб додан ва муҳокимаи пешниҳодҳо ва талаботҳо | Subjunctive Mood (Ҳолати хабарӣ) | - | 2 | 2 |
| 8 | Омодасозӣ ва навиштани эссе дар мавзуъҳои иҷтимоӣ | Complex Sentences (Ҷумлаҳои мураккаб) | 1 | 3 | 4 |
| 9 | Муҳокимаи масъалаҳои иҷтимоӣ: фақр, нобаробарӣ | Modals of Obligation (Should, Must) | - | 2 | 2 |
| 10 | Системаҳои сиёсӣ дар Англия ва Тоҷикистон | Reported Speech (Нутқи гузошта) | - | 2 | 2 |
| 11 | Саводнокии молиявӣ: тартиб додани буҷет ва нақшаҳо | Future Continuous (Ояндаи идомадор) | - | 2 | 2 |
| 12 | Этикаи мактубҳои корӣ: мактубҳои расмӣ | Polite Requests (Талабҳои одобона) | 1 | 3 | 4 |

| № | Мавзуъ | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ (соат) | Дарсҳои амалӣ (соат) | Ҳамагӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|---|
| 13 | Ҳуқуқи инсон ва демократия: баҳс ва далел | Modals for Possibility (Might, Could) | - | 2 | 2 |
| 14 | Глобализатсия ва таъсири он ба фарҳанг ва иқтисод | Complex Tenses (Замонҳои мураккаб) | - | 2 | 2 |
| 15 | Навиштани эссе: муқоисаи фарҳангҳои Англия ва Тоҷикистон | Comparatives and Superlatives (Сифатҳои муқоисавӣ ва мутлақ) | 1 | 3 | 4 |
| 16 | Ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ: тартиб додани шартномаҳо | Passive Voice in Legal Writing (Сурати хомӯш дар навиштани ҳуқуқӣ) | 1 | 3 | 4 |
| 17 | Гузаронидани гуфтушунидҳо: стратегияи муошират | Conditionals and Modals in Negotiation (Шартҳо ва модалҳо дар гуфтушунидҳо) | - | 2 | 2 |
| 18 | Кор бо пешниҳодҳои тиҷоратӣ ва ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ | Gerunds and Infinitives (Герунд ва инфинитив) | 1 | 3 | 4 |
| 19 | Системаҳои иқтисодӣ ва молиявӣ: таҳлили матнҳо | Reported Speech (Нутқи гузошта дар матнҳои расмӣ) | 1 | 3 | 4 |
| 20 | Тафсири ахбор ва ҳисоботҳо дар бораи сиёсат ва иқтисод | Indirect Questions (Саволҳои ғайримустақим) | - | 2 | 2 |
| 21 | Навиштани мақолаҳои таҳлилӣ ва ҳисоботҳо | Complex Sentences (Ҷумлаҳои мураккаб) | 1 | 3 | 4 |
| 22 | Грамматика: ҷумлаҳои пайваст ва мувофиқати замонҳо | Tense Agreement (Мувофиқати замонҳо) | 1 | 3 | 4 |
| 23 | Шеъри тоҷикӣ: таҳлили асарҳои классикон | Figurative Language (Забони маҷозӣ) | - | 2 | 2 |
| 24 | Шеъри русӣ: Пушкин, Лермонтов, таҳлили шеъриёт | Past Perfect vs. Past Simple | - | 2 | 2 |
| 25 | Муқоисаи асарҳои шоирони Англия ва Тоҷикистон | Comparatives and Contrastive Structures | - | 2 | 2 |

| № | Мавзуъ | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ (соат) | Дарсҳои амалӣ (соат) | Ҳамагӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|---|
| 26 | Нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ | Direct vs Indirect Speech | 1 | 2 | 3 |
| 27 | Фарқиятҳои фарҳангӣ: бозиҳои нақшофарӣ ва муколамаҳо | Cultural Idioms (Идиомаҳои фарҳангӣ) | 1 | 2 | 3 |
| 28 | Масъалаҳои глобалӣ: экология, иқлим, рушди устувор | Present Continuous for Future Events | - | 2 | 2 |
| 29 | Омодагӣ ба суханрониҳои оммавӣ ва презентатсияҳо | Public Speaking Structures (Сохторҳои суханронии оммавӣ) | - | 2 | 2 |
| 30 | Тартиб додан ва таҳрири мақолаҳои илмӣ | Passive Voice in Academic Writing | 1 | 3 | 4 |
| 31 | Ташкилотҳои байналмилалӣ: СММ, ЮНЕСКО, ТУТ | Reported Speech in Formal Contexts (Нутқи гузошта дар мавридҳои расмӣ) | - | 2 | 2 |
| 32 | Пешрафти технологияҳо: таъсир ба ҷомеа | Future Perfect (Ояндаи комил) | - | 2 | 2 |
| 33 | Шабакаҳои иҷтимоӣ ва таъсири онҳо ба ҷомеа ва сиёсат | Modals for Speculation (Should, Could, Might) | - | 2 | 2 |
| 34 | Саломатӣ ва тарзи ҳаёти солим: навиштани тавсияҳо | Modals of Advice (Should, Ought to, Had Better) | - | 2 | 2 |
| 35 | Инсон ва табиат: эссе ва муҳокима | Comparative Structures (Сохторҳои муқоисавӣ) | 1 | 3 | 4 |
| 36 | Саломатии равонӣ: тавсияҳо ва ҳисоботҳо | Conditionals for Hypothetical Situations | - | 2 | 2 |
| 37 | Таҳлили асарҳои нависандагони русии асри XIX | Past Perfect Continuous (Гузаштаи комили идомадор) | - | 2 | 2 |
| 38 | Адабиёти муосири рус: мавзуъҳо ва услубҳо | Complex Sentences with Relative Clauses | 1 | 3 | 4 |
| 39 | Таърихи адабиёти рус: шахсиятҳои муҳим ва ҳаракатҳо | Passive Voice in Historical Texts | - | 2 | 2 |

| № | Мавзуъ | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ (соат) | Дарсҳои амалӣ (соат) | Ҳамагӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|---|
| 40 | Публисистика: навиштани мақолаҳо дар мавзуъҳои иҷтимоӣ | Formal vs Informal Writing (Забони расмӣ ва ғайрирасмӣ) | - | 2 | 2 |
| 41 | Ислоҳоти иқтисодӣ: таҳлили матнҳо ва ҳисоботҳо | Reported Speech in Economic Reports | 1 | 3 | 4 |
| 42 | Тартиб додани резюме ва номаҳои корӣ | Formal Letter Writing (Таҳияи номаҳои расмӣ) | 1 | 3 | 4 |
| 43 | Эҷодиёти хаттӣ: навиштани ҳикояҳо ва эссе | Narrative Tenses (Замонҳои ҳикоянависӣ) | 1 | 3 | 4 |
| 44 | Омӯзиши баҳсҳо: таҳияи далелҳо | Complex Sentences with Concessions | - | 2 | 2 |
| 45 | Фарҳанг ва санъат: таҳлили асарҳои рассомӣ ва мусиқӣ | Descriptive Language (Забони тавсифӣ) | - | 2 | 2 |
| 46 | Фатҳи кайҳон: баҳс ва таҳлили матнҳо | Future Perfect Continuous (Ояндаи комили идомадор) | - | 2 | 2 |
| 47 | Ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ: тартиб додани шартномаҳо | Passive Voice in Legal Writing | 1 | 3 | 4 |
| 48 | Таҳияи нақшаи тиҷоратӣ: стратегия ва тартиб | Conditionals in Business Planning | 1 | 3 | 4 |
| 49 | Эссе дар мавзуи муносибатҳои байналмилалӣ | Complex Sentences for Argumentation | 1 | 3 | 4 |
| 50 | Омодасозии презентатсияҳо ва ҳифзи лоиҳаҳо | Presenting Structures (Сохторҳои презентатсия) | 1 | 3 | 4 |
| 51 | Эссе дар мавзуи нақши занон дар ҷомеаи муосир | Modals for Deduction (Must, Might) | 1 | 3 | 4 |
| 52 | Баҳси стереотипҳои гендерӣ ва баробарии ҷинсӣ | Conditionals for Hypothetical Situations | - | 2 | 2 |
| 53 | Тартиб додани ҳисоботҳо аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот | Reported Speech in Research Reports | - | 2 | 2 |
| 54 | Ҳамкории байналмилалӣ ва рисолатҳои сулҳовар | Passive Voice for International Relations | - | 2 | 2 |

| № | Мавзуъ | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ (соат) | Дарсҳои амалӣ (соат) | Ҳамагӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|---|
| 55 | Ахлоқ ва одоб дар тиҷорат ва сиёсат | Modals for Obligation (Must, Have to) | - | 2 | 2 |
| 56 | Грамматика: ҳоли иртиботӣ ва ҷумлаҳои шартӣ | Subjunctive and Conditional Sentences | 1 | 3 | 4 |
| 57 | Эссе дар мавзуи офатҳои экологӣ ва пешгирии онҳо | Conditionals for Cause and Effect | 1 | 3 | 4 |
| 58 | Таҳлили баҳсҳои сиёсӣ: стратегияҳо ва далелҳо | Complex Structures for Political Debates | 1 | 3 | 4 |
| 59 | Таҳлили хабарҳои расмӣ ва омода намудани мақолаҳо | Reported Speech in News Writing | 1 | 3 | 4 |
| 60 | Таҳсилот ва нақши он дар ҷомеа: таҷрибаҳои байналмилалӣ | Modals for Suggestions and Recommendations | - | 2 | 2 |
| 61 | Чолишҳои ҷаҳонӣ: бухрони демографӣ ва муҳоҷират | Complex Sentences with Causative Constructions | - | 2 | 2 |
| 62 | Нақши зеҳни сунъӣ дар ҷаҳони муосир | Future in the Past (Оянда дар гузашта) | - | 2 | 2 |
| 63 | Ислоҳоти иҷтимоӣ: навиштани мақолаҳои таҳлилӣ | Complex Sentences for Analysis | 1 | 3 | 4 |
| 64 | Шахсиятҳои таърихии Англия ва Тоҷикистон | Narrative Tenses (Замонҳои ҳикоявӣ) | - | 2 | 2 |
| 65 | Тартиб додани пешниҳодҳо барои стартапҳо ва тиҷорати хурд | Conditionals in Business Proposals (Шартҳои тиҷоратӣ) | 1 | 3 | 4 |
| 66 | Таҳлили маъракаҳои рекламавӣ: матн ва сохтор | Formal vs Informal Structures in Advertising | 1 | 3 | 4 |
| 67 | Мусоҳиба ва пурсишҳо: методика ва гузарониш | Indirect Questions in Interviews | 1 | 3 | 4 |
| 68 | Фразеологизмҳо ва истифодаи онҳо дар суханрониҳои шифоҳӣ ва хаттӣ | Phrasal Verbs and Idioms in Formal Contexts | 1 | 3 | 4 |
| 69 | Таҳлили парвандаҳои судӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ | Passive Voice in Legal Texts | 1 | 3 | 4 |
| 70 | Таъсири технологияҳои рақамӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ | Future Continuous for Ongoing Developments | - | 2 | 2 |

| № | Мавзуъ | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ (соат) | Дарсҳои амалӣ (соат) | Ҳамагӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|---|
| 71 | Масъалаҳои махфият ва бехатарии киберӣ | Modals of Necessity (Must, Need to, Have to) | - | 2 | 2 |
| 72 | Тартиб додани ҳуҷҷатҳо барои гузаронидани тендерҳо | Formal Legal Language in Tender Documentation | 1 | 3 | 4 |
| 73 | Тамоюлҳои технологӣ ва таъсири онҳо ба тиҷорат | Future Perfect Continuous for Business Trends | - | 2 | 2 |
| 74 | Тарҷумаи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ: махсусият ва амалия | Legal Terminology in Translation | 1 | 3 | 4 |
| 75 | Кор бо талаффуз ва интонация дар суханрониҳои тиҷоратӣ | Intonation in Business Presentations | - | 2 | 2 |
| 76 | Ҳисоботи молиявӣ: таҳлил ва тартиб | Passive Voice in Financial Reporting | 1 | 2 | 3 |
| 77 | Иштирок дар баҳсҳо: коркард кардани стратегияҳои гуфтушунид | Complex Conditional Sentences in Debates | - | 2 | 2 |
| 78 | Фарҳанги нутқ: сабкҳо ва истифодаи онҳо дар ҳолатҳои гуногун | Stylistic Devices in Formal and Informal Speech | 1 | 3 | 4 |
| 79 | Кор бо матнҳои адабӣ: таҳлили романҳо ва ҳикояҳо | Literary Analysis and Advanced Vocabulary | 1 | 3 | 4 |
| 80 | Идоракунии низоъҳо: стратегияҳои хаттӣ ва шифоҳӣ | Conditionals for Conflict Resolution | - | 2 | 2 |
| 81 | Таҳқиқоти илмӣ ва навовариҳо: нақши онҳо дар рушди ҷомеа | Present Perfect for Scientific Achievements | - | 2 | 2 |
| 82 | Тартиб додани номаҳои дархостӣ ва пешниҳодӣ | Formal Writing and Business Correspondence | 1 | 3 | 4 |
| 83 | Адабиёти классикии рус: таҳлили романҳои Толстой ва Достоевский | Past Perfect in Literary Analysis | - | 2 | 2 |
| 84 | Адабиёти тоҷик: асарҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ | Present Simple in Literary Context | - | 2 | 2 |
| 85 | Воридшавӣ ба публисистика: жанрҳо ва сабкҳои асосӣ | Formal vs Informal Language in Journalism | - | 2 | 2 |

| № | Мавзуъ | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ (соат) | Дарсҳои амалӣ (соат) | Ҳамагӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|---|
| 86 | Рушди лоиҳаҳо дар тиҷорат ва илм: банақшагирӣ ва ҳисобот | Conditionals for Project Planning | - | 2 | 2 |
| 87 | Равоншиносии роҳбарӣ ва идоракунии гурӯҳ | Modals of Necessity and Ability in Leadership | - | 2 | 2 |
| 88 | Санъати суханронӣ: техникаи суханронӣ ва боварии сухан | Rhetorical Devices and Speech Techniques | 1 | 2 | 3 |
| 89 | Эссе дар мавзуи арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ | Complex Sentences for Moral Arguments | 1 | 3 | 4 |
| 90 | Рушди малакаҳои навиштани номаҳои тиҷоратӣ дар муҳити байналмилалӣ | Advanced Business Correspondence | 1 | 3 | 4 |
| 91 | Омодагӣ ва гузаронидани конфронсҳои матбуотӣ | Indirect Speech (Нутқи ғайримустақим) | 1 | 3 | 4 |
| 92 | Таҳлили ҳуҷҷатҳои созмонҳои байналмилалӣ (СММ, СҶТ) | Passive Voice and Formal Register in International Documents | 1 | 3 | 4 |
| 93 | Кор бо матнҳои илмӣ: таҳрир ва тафтиши хатогиҳо | Complex Sentences in Academic Writing | 1 | 3 | 4 |
| 94 | Фарқиятҳои фарҳангӣ: таҳлили матнҳо дар мавзуъҳои байнифарҳангӣ | Cultural Idioms and Expressions in Different Contexts | 1 | 3 | 4 |
| 95 | Рушди устувор ва экология: навиштани эссе ва ҳисобот | Modals of Obligation and Suggestion for Environmental Issues | 1 | 3 | 4 |
| 96 | Мустаҳкамкунии равоншиносӣ ва идоракунии стресс | Language for Mental Health and Stress Management | - | 2 | 2 |
| 97 | Сохтани далелҳо дар нутқи хаттӣ: эссе ва таҳлили мавод | Balanced Argument Structure and Cohesion | - | 2 | 2 |
| 98 | Омӯзиши адабиёти муосири Англия ва Тоҷикистон | Narrative Tenses in Literary Analysis | - | 2 | 2 |
| 99 | Машқҳои грамматикӣ: ҷумлаҳои мураккаб ва замонҳои мураккаб | Reported Speech and Perfect Tenses | 1 | 3 | 4 |

| № | Мавзуъ | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ (соат) | Дарсҳои амалӣ (соат) | Ҳамагӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|---|
| 100 | Таҳлили маводҳои видеоӣ: наворҳои ахбор ва филмҳои ҳуҷҷатӣ | Formal vs Informal Structures in Media Language | - | 2 | 2 |
| 101 | Тартиб додан ва таҳлили релизҳои матбуотӣ | Advanced Business Writing | 1 | 3 | 4 |
| 102 | Эссе дар мавзуи нақши санъат дар ҳаёти ҷамъият | Comparative and Superlative Structures in Art Discussion | 1 | 3 | 4 |
| 103 | Масъалаҳои урбанизатсия ва таъсири он ба муҳити зист | Conditionals for Hypothetical Situations (Шартҳои гипотетикӣ) | - | 2 | 2 |
| 104 | Чолишҳои муосир барои низоми таълим | Language for Discussing Education Policies | - | 2 | 2 |
| 105 | Тамоюлҳои рушди технологияҳо дар асри XXI | Future Tenses in Technology Discussions | - | 2 | 2 |
| 106 | Эссе дар мавзуи таъсири технологияҳо ба ҷамъият | Future Continuous and Passive Structures | 1 | 3 | 4 |
| 107 | Таҳлили тағйироти қонунгузорӣ: қонунҳои Англия ва Тоҷикистон | Complex Conditional Sentences in Legal Contexts | - | 2 | 2 |
| 108 | Нутқҳои оммавӣ: чӣ гуна бо шунавандагон кор кардан | Rhetorical Techniques in Public Speaking | 1 | 3 | 4 |
| 109 | Нақши навовариҳо дар таҳқиқоти илмӣ ва тиҷорат | Present Perfect for Describing Innovations | - | 2 | 2 |
| 110 | Гузаронидани гуфтушунид: стратегияҳо ва тактикаҳои тиҷоратӣ | Negotiation Language and Conditional Forms | - | 3 | 3 |
| 111 | Таҳлили ислоҳоти иқтисодӣ дар Англия ва Тоҷикистон | Past Perfect for Describing Economic Reforms | - | 2 | 2 |
| 112 | Эссе дар мавзуи ҳамкориҳои байналмилалӣ | Advanced Comparative Structures | 1 | 3 | 4 |
| 113 | Тарҳрезии стратегияҳои тиҷоратӣ: банақшагирӣ ва таҳия | Language for Business Strategy Development | - | 3 | 3 |

| № | Мавзуъ | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ (соат) | Дарсҳои амалӣ (соат) | Ҳамагӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|---|
| 114 | Муҳокимаи фарқиятҳои фарҳангӣ дар тиҷорат | Cross-cultural Communication Phrases | - | 2 | 2 |
| 115 | Машқҳои грамматикӣ: пешояндҳои мураккаб ва пайвандакҳо | Complex Prepositions and Conjunctions | 1 | 3 | 4 |
| 116 | Терминологияи ҳуқуқӣ: омӯзиш ва амалияи истифода | Legal Terms and Passive Voice in Legal Documents | 1 | 3 | 4 |
| 117 | Эссе дар мавзуи тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои он | Language for Describing Climate Change Effects | 1 | 3 | 4 |
| 118 | Таҳлили шартномаҳо ва созишномаҳо: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ | Legal Vocabulary for Contract Writing | 1 | 3 | 4 |
| 119 | Ҳисоботи молиявӣ: таҳлил ва амалияи тартиб | Passive Voice and Modals in Financial Reporting | - | 2 | 2 |
| 120 | Мероси фарҳангии Англия ва Тоҷикистон: таҳлили асарҳо | Formal Vocabulary in Cultural Discussions | - | 2 | 2 |
| 121 | Ҳуқуқи байналмилалӣ ва нақши он дар сиёсат | Legal Terms in International Law | - | 2 | 2 |
| 122 | Омодагӣ ва гузаронидани конфронсҳо | Formal Speech for Conference Presentations | - | 2 | 2 |
| 123 | Тартиб додан ва таҳрири шартномаҳои ҳамкорӣ | Complex Conditionals in Legal Agreements | 1 | 3 | 4 |
| 124 | Нақши СММ дар ҳалли низоъҳои байналмилалӣ | Passive Voice for Describing Actions in International Context | - | 2 | 2 |
| 125 | Эссе дар мавзуи таъсири фарҳанги оммавӣ ба афкори ҷамъият | Advanced Comparison Structures for Cultural Analysis | 1 | 3 | 4 |
| 126 | Фарҳанг ва анъанаҳои Тоҷикистон: муқоиса бо Англия | Comparative Structures in Cross-cultural Discussions | - | 2 | 2 |
| 127 | Таҳлили ҳисоботи илмӣ ва презентатсияҳо | Advanced Vocabulary in Scientific Writing and Presentations | 1 | 3 | 4 |

| № | Мавзуъ | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ (соат) | Дарсҳои амалӣ (соат) | Ҳамагӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|---|
| 128 | Психологияи муносиботи шахсӣ: идоракунии низоъҳо | Language of Conflict Resolution and Diplomatic Language | - | 2 | 2 |
| 129 | Кор бо ҳисоботи таҳлилӣ: таъбири додаҳо | Complex Data Interpretation and Reporting | - | 2 | 2 |
| 130 | Назарияҳои иқтисодӣ ва таъсири онҳо ба сиёсат | Complex Sentences in Economic Theory Discussions | - | 2 | 2 |
| 131 | Тартиб додани нақшаҳои тиҷоратӣ барои стартапҳо | Future Perfect for Business Planning | 1 | 3 | 4 |
| 132 | Таълим барои ҳама: таҳлили барномаҳои таълими фарогир | Language for Inclusive Education Policies | - | 2 | 2 |
| 133 | Истифодаи ифодаҳои фразеологӣ дар мукотибаи тиҷоратӣ | Advanced Idioms and Phrasal Verbs in Business Writing | 1 | 3 | 4 |
| 134 | Таҳлили матнҳои илмӣ бо забони русӣ: техника ва амалия | Formal and Technical Vocabulary in Russian Academic Texts | 1 | 3 | 4 |
| 135 | Таҳлил ва навиштани мақолаҳои ахборотӣ | Language for News Article Composition and Structure | 1 | 3 | 4 |
| 136 | Эссе дар мавзуи глобализатсия ва таъсири он ба фарҳанг | Causative Structures in Globalization Discussions | 1 | 3 | 4 |
| 137 | Омодагӣ ба суханрониҳои расмӣ | Rhetorical Devices for Formal Speeches | - | 2 | 2 |
| 138 | Масъалаҳои экология дар кишварҳои ИДМ: муқоиса ва таҳлил | Conditionals for Environmental Issues | - | 2 | 2 |
| 139 | Таҳлили асарҳои адибони рус ва тоҷик (асри XX) | Narrative Tenses in Literature Analysis | - | 2 | 2 |
| 140 | Стратегияҳои гуфтушунидҳои байналмилалӣ | Diplomatic Language and Modal Verbs for Negotiations | - | 2 | 2 |
| 141 | Навовариҳои технологӣ ва таъсири онҳо ба иқтисодиёт | Complex Sentences for Describing Technological Advances | - | 2 | 2 |

| № | Мавзуъ | Масъалаҳои грамматикӣ | Дарсҳои назариявӣ (соат) | Дарсҳои амалӣ (соат) | Ҳамагӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|---|
| 142 | Таҳлили ташаббусҳои қонунгузорӣ: мисолҳои Англия ва Тоҷикистон | Legal Terminology and Conditionals in Legislative Texts | 1 | 3 | 4 |
| 143 | Машқҳои дебат: малакаҳои муколамаҳои оммавӣ | Advanced Argumentative Techniques | - | 2 | 2 |
| 144 | Ташкили далелҳо ва радди далелҳо дар баҳсҳо | Contradicting and Supporting Arguments in Debates | - | 2 | 2 |
| 145 | Таҳлили муқоисавии низомҳои сиёсии Англия ва Тоҷикистон | Language for Political System Comparisons | - | 2 | 2 |
| 146 | Кор бо матнҳои рекламавӣ: таҳлил ва амалия | Persuasive Language and Advertising Vocabulary | - | 2 | 2 |
| 147 | Нақши созмонҳои байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ | Formal Language in International Relations | - | 2 | 2 |
| 148 | Эссе дар мавзуи рушди устувор ва экология | Modals for Expressing Possibilities and Recommendations | 1 | 2 | 3 |
| 149 | Таҳлили суханрониҳо дар форумҳои байналмилалӣ ва саммитҳо | Public Speaking Techniques and Diplomatic Vocabulary | - | 2 | 2 |
| 150 | Таҳлили маълумоти молиявӣ ва пешниҳоди онҳо дар ҳисоботҳо | Data Interpretation and Financial Reporting | - | 2 | 2 |
| | **ҲАМАГӢ** | | **68** | **364** | **432** |

## ТАЛАБОТ БА САТҲИ ОМОДАГИИ ТАЪЛИМГИРАНДАГОНИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ B2 (UPPER-INTERMEDIATE)

**1. Малакаҳои асосӣ**

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| **Шунавоӣ** | Таълимгиранда қодир аст нутқи мураккаби расмӣ ва ғайрирасмиро дар мавзуъҳои касбӣ ва иҷтимоӣ (кор, бизнес, илм, сиёсати ҷаҳонӣ, саломатӣ) фаҳмад. Метавонад дар муҳокимаҳои вазъиятҳои гуногун иштирок кунад ва дастурҳои шифоҳиро пайгирӣ намояд. Шунидани муколамаҳо ва муҳокимаҳои мураккаб дар мавзуъҳои касбӣ ва илмӣДарки калимаҳои калидӣ ва иборaҳои мураккаб дар гуфтугӯҳо ва муоширати касбӣШунидани эълонҳо ва дастурҳои мураккаб дар муҳити корӣ ва ҷамъиятӣ (масалан, “Барои вохӯрӣ дар толор ҷамъ шавед”). |

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| **Гуфтор (Муколама)** | Таълимгиранда метавонад дар муколамаҳои мураккаб ва касбӣ, инчунин дар баҳсҳо ва муҳокимаҳо иштирок кунад. Қодир аст бо истифодаи луғати касбӣ ва мураккаб фикрҳои худро равшан ва мукаммал баён кунад. Истифодаи ибораҳои мураккаб барои муколамаҳо дар ҷойҳои касбӣ ва ҷамъиятӣ. Қодир аст дар баррасии масъалаҳои касбӣ, тиҷоратӣ ва илмӣ иштирок кунад ва пешниҳодҳои мураккаб кунад. |
| **Гуфтор (Монолог)** | Таълимгиранда метавонад дар бораи таҷрибаҳои шахсӣ ва касбии худ бо ҷузъҳои муфассал нақл кунад, таҳлилҳо ва пешниҳодҳои касбӣ пешниҳод намояд. Метавонад натиҷаҳои кор, таҳқиқот ва нақшаҳои ояндаро шарҳ диҳад. Тавсифи таҷрибаҳои касбӣ, таҳлил ва баррасии амалҳои гузашта, ҳозира ва оянда бо истифодаи грамматикаи мураккаб.Баён кардани фикру андешаҳо дар бораи масъалаҳои илмӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ. |
| **Хондан** | Таълимгиранда қодир аст матнҳои мураккаби касбӣ ва илмиро фаҳмад, аз онҳо маълумоти муҳимро пайдо кунад ва таҳлил намояд. Метавонад мақолаҳои дароз, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва иттилооти тахассусиро хонда, онҳоро дуруст дарк кунад. Хондани мақолаҳои илмӣ ва касбӣ дар мавзуъҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва экологӣФаҳмидани дастурҳои мураккаби расмӣ ва ҳуҷҷатҳои ташкилӣ (масалан, гузоришҳои солона). |
| **Навиштан** | Таълимгиранда метавонад гузоришҳои касбӣ, таҳлилҳо ва мақолаҳои мураккабро бо сохтори дуруст ва забони касбӣ таҳия кунад. Метавонад мактубҳои расмӣ, шартномаҳо ва пешниҳодҳои касбиро дуруст нависад. Навиштани гузоришҳо ва мақолаҳои касбӣ дар мавзуъҳои илмӣ, тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ. Пур кардани ҳуҷҷатҳои расмӣ ва шартномаҳо бо истифодаи луғати касбӣ. |

**2. Малакаҳои забонӣ**

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| **Фонетикӣ** | Таълимгиранда бояд тавонад нутқи шифоҳиро бо талаффузи дуруст ва интонацияи мувофиқ иҷро кунад. Дар гуфтугӯҳои касбӣ ва расмӣ аз интонация ва талаффузи дуруст истифода мебарад, инчунин метавонад нутқи дигаронро дар муҳитҳои гуногун бо суръати гуногун фаҳмад. |
| **Луғатӣ** | Таълимгиранда маҷмӯи калимаҳо ва ибораҳои васеи касбӣ, техникӣ ва илмиро фаро мегирад. Қобилияти истифодаи луғати касбӣ дар муҳити тиҷоратӣ, илмӣ ва расмиро дорад. Калимаҳои махсуси соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва илмиро дарк ва истифода мекунад. |
| **Грамматикӣ** | Таълимгиранда бояд сохторҳои грамматикии мураккабро истифода барад. Истифодаи замонҳои мураккаб, сохторҳои модалӣ, ифодаи шартӣ ва феълҳои фразавӣ дар ҷумлаҳои мураккаб (масалан, "If I had known, I would have done it differently"). Метавонад саволҳои мураккаб ва ҷавобҳои мураккабро созад. |

Ин барнома, ки ба сатҳи B2 (Upper-Intermediate) мутобиқ аст, ба таълимгирандагон имконият медиҳад, ки дар муҳитҳои касбӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ бо забони англисӣ бо эътимод ва маҳорат муошират кунанд.

## ТАЛАБОТ БА САТҲИ ОМОДАГИИ ТАЪЛИМГИРАНДАГОНИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ САТҲИ B2 (UPPER-INTERMEDIATE)

Дар сатҳи B2 (Upper-Intermediate), таълимгирандагон аллакай дониши васеи забони англисиро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаҳои касбӣ ва иҷтимоӣ, фаро гирифтаанд. Дар ин сатҳ, онҳо метавонанд бо забони англисӣ бо эътимод, равон ва дақиқ дар муҳити касбӣ ва шахсӣ муошират кунанд. Мақсади асосии омӯзиш дар сатҳи B2 (Upper-Intermediate) ин такмили минбаъдаи малакаҳои коммуникативӣ, донистани грамматикаи мураккабтар, ҳамчунин вусъат додани луғати касбӣ ва техникӣ мебошад.

**1. Малакаҳои асосӣ**

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| **Шунавоӣ** | Дар сатҳи B2 (Upper-Intermediate), таълимгирандагон қодиранд нутқҳои мураккаби шифоҳиро, ки дар муҳити касбӣ ва иҷтимоӣ садо медиҳанд, комилан дарк кунанд. Онҳо метавонанд муҳокимаҳои мураккабро фаҳманд ва дар дарки гуфторҳо бо истилоҳоти техникӣ ва касбӣ маҳорат пайдо кунанд. Масалан, онҳо метавонанд гуфтугӯҳои касбӣ дар ҷаласаҳо, вохӯриҳо ва муҳокимаҳои сиёсӣ ё иқтисодиро бе мушкил дарк кунанд. Шунидани муколамаҳои мураккаб дар мавзуъҳои касбӣ, илмӣ ва тиҷоратӣ. Масалан, баррасиҳои тиҷоратӣ, муҳокимаи натиҷаҳои илмӣ ё шарҳ додани барномаҳои рушди тиҷоратФаҳмидани калимаҳои калидӣ ва ибораҳои мураккаб дар муколамаҳои касбӣ (масалан, "Let’s proceed with the financial analysis", "We need to address the legal implications of this project")Шунидани эълонҳои мураккаб дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва дар муҳитҳои касбӣ (масалан, "The board meeting will commence at 10 AM, and all participants are required to bring their project reports"). |
| **Гуфтор (Муколама)** | Дар сатҳи B2 (Upper-Intermediate), таълимгирандагон метавонанд дар муколамаҳои мураккаб ва тӯлонӣ иштирок кунанд, ки мавзуъҳои гуногун, аз ҷумла тиҷорат, илм, фарҳанг ва сиёсатро дар бар мегиранд. Онҳо бо маҳорати баланди забонӣ метавонанд дар баҳсҳо иштирок карда, пешниҳодҳои мураккаб ва андешаҳои касбӣ пешниҳод намоянд. Қодир ҳастанд муносибати расмӣ ва ғайрирасмиро нигоҳ дошта, суханронӣ кунанд. Истифодаи ибораҳои расмӣ ва мураккаб барои ибрози фикрҳо дар муҳити корӣ (масалан, "I believe this approach will yield better results in the long term", "Could we explore alternative solutions to mitigate the risks involved?")Қодир аст дар баҳсҳои мураккаб, аз ҷумла гуфтушунидҳои расмӣ ё муҳокимаҳои илмӣ ширкат варзад ва пешниҳодҳои мураккабро пешкаш намоядМушовара ва иштирок дар муҳокимаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо истифодаи грамматика ва луғати васеъ. |
| **Гуфтор (Монолог)** | Таълимгирандагон метавонанд дар бораи мавзуъҳои касбӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ бо мураккабгӯӣ ва забони дақиқ сӯҳбат кунанд. Қодир ҳастанд натиҷаҳои таҳқиқотҳо, лоиҳаҳо ва ё нақшаҳои тиҷоратиро шарҳ диҳанд ва таҳлил кунанд. Онҳо метавонанд бо истифода аз замонҳои гуногун ва ибораҳои мураккаб фикру андешаҳои муфассалро иброз доранд. Тавсифи таҷрибаҳои шахсӣ ва касбӣ бо тафсилоти мураккаб (масалан, "During my previous role as a project manager, I was responsible for overseeing the implementation of multiple high-budget projects simultaneously")Баён кардани пешниҳодҳо, нақшаҳои оянда ва баррасии имконоти гуногун бо истифода аз шаклҳои мураккабтар (масалан, "If we had adopted the alternative strategy earlier, we could have avoided some of the setbacks we faced")Таҳлили |

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| | маълумот ва пешниҳоди хулосаҳо дар асоси омӯзиши маводи касбӣ ва илмӣ. |
| **Хондан** | Дар сатҳи B2 (Upper-Intermediate), таълимгирандагон метавонанд матнҳои мураккаби касбӣ, илмӣ ва адабиро хонда, маълумоти муҳимро аз онҳо дарёфт кунанд. Онҳо метавонанд матнҳои дарозро таҳлил кунанд, қасди муаллифро дарк кунанд ва дар борai маълумоти пешниҳодшуда фикри таҳлилӣ диҳанд. Масалан, онҳо метавонанд гузоришҳои илмӣ, номаҳои расмӣ ва ё ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиро дарк ва таҳлил кунанд. Хондани мақолаҳои илмӣ ва тиҷоратӣ дар мавзуъҳои гуногун (масалан, гузоришҳои тадқиқотӣ ё таҳлилҳои иқтисодӣ)Фаҳмидани дастурҳо ва шартномаҳои мураккаби расмӣ ва шарҳи қонунҳо ва қарорҳои давлатӣИстифода аз малакаи хондан барои таҳлили маълумот ва пешниҳоди фикрҳои таҳлилӣ дар асоси матнҳои мураккаб. |
| **Навиштан** | Таълимгирандагон дар сатҳи B2 (Upper-Intermediate) метавонанд мактубҳои расмӣ, гузоришҳои мураккаб ва таҳлилҳои касбиро таҳия кунанд. Онҳо қодиранд ҳуҷҷатҳои расмиро бо забони касбӣ ва услуби расмӣ таҳия намуда, дар муҳокимаҳои расмӣ ва пешниҳодҳои тиҷоратӣ иштирок кунанд. Навиштани гузоришҳо ва мактубҳои касбӣ, ки ба муҳокимаҳо ва пешниҳодҳои корӣ ва тиҷоратӣ равона шудаанд (масалан, "Following our recent discussions, I would like to submit the following proposal for your consideration")Таҳияи шартномаҳои расмӣ ва пур кардани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ё молиявӣ бо истифодаи луғати касбӣ ва расмӣ (масалан, "The terms and conditions outlined in the contract are subject to further negotiation")Навиштани таҳлилҳои касбӣ, баррасии гузоришҳои иқтисодӣ ва илмӣ бо сохтори мантиқӣ ва таҳлилии дуруст. |

**2. Малакаҳои забонӣ**

| Малакаҳо | Мазмун |
|---|---|
| **Фонетикӣ** | Дар сатҳи B2 (Upper-Intermediate), таълимгирандагон бояд талаффузи комил ва дурусти забони англисиро дошта бошанд. Инчунин, онҳо бояд тавонанд нутқи дигаронро дар муҳитҳои гуногун, аз ҷумла дар муҳити корӣ, илмӣ ва иҷтимоӣ, бо суръати гуногун ва акцентҳои мухталиф дарк кунанд. Интонация ва талаффузи дуруст дар гуфтугӯҳои расмӣ, инчунин дар гуфторҳои ғайрирасмӣ истифода мешавад. |
| **Луғатӣ** | Дар ин сатҳ, таълимгирандагон луғати васеъ ва мураккабро фаро мегиранд, ки барои муошират дар соҳаҳои гуногуни касбӣ ва иҷтимоӣ лозим аст. Калимаҳо ва ибораҳои техникӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва илмӣ бояд пурра дарк ва истифода шаванд. Масалан, луғати махсуси иқтисодӣ барои гузоришҳои молиявӣ ё истилоҳоти ҳуқуқӣ барои таҳлили қонунҳо. |
| **Грамматикӣ** | Дар сатҳи B2 (Upper-Intermediate), таълимгирандагон бояд сохторҳои грамматикии мураккабтарро комилан аз худ кунанд. Истифодаи шаклҳои мураккаби замонҳо, ҷумлаҳои шартӣ, феълҳои фразавӣ ва калимаҳои модалӣ (masalan, "If I had known, I would have acted differently"). Метавонанд саволҳо ва ҷавобҳои мураккабро бо сохтори дурусти грамматикӣ пешниҳод кунанд. |